201___ A | nomidagi O'zbekiston MK

Бани одам аъзои якдигаранд!

آواز تاجيك

# Овози тоҷик

Рӯзнома аз соли 1924 чоп мешавад

Номҳои пешинаи рӯзнома: «Овози тоҷики камбағал» (соли 1924), «Овози тоҷик» (солҳои 1924-1931), «Ҳақиқати Ӯзбекистон» (солҳои 1931-1940), «Ӯзбекистони сурх» (солҳои 1950-1964), «Ҳақиқати Ӯзбекистон» (солҳои 1964-1991).

15 январи соли 2020. Чоршанбе № 6 (14605)

сайт http://ovozitojik.uz/, e-mail: ovozitoj@umail.uz, ovozi@list.ru

## МУБОРАКБОДИИ ИДОНА БА МУНОСИБАТИ 28-УМИН СОЛГАРДИ ТАЪСИСЁБИИ ҚУВВАҲОИ МУСАЛЛАҲИ ҶУМҲУРИИ ЎЗБЕКИСТОН ВА РӮЗИ МУҲОФИЗОНИ ВАТАН

**Муҳтарам аскарон ва сержантҳо, афсарон ва генералҳо, собиқадорони Қувваҳои Мусаллаҳ!**

**Ҳамватанони азиз!**

Шуморо, ки ҳаёти худро ба кори аз ҳама бузургу неки ҳифзи Ватан ва тамоми халқамон бахшидаед, бо 28-умин солгарди таъсисёбии Қувваҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Ӯзбекистон ва Рӯзи муҳофизони Ватан самимона ва аз таҳти дил муборакбод менамоям!

Дар ин рӯзи хотирнишин мо, пеш аз ҳама, ба фарзандони мард, ҷасур ва содиқ, ки дар посгоҳи ҳарбии худ истода сарҳадҳои кишварамонро чун гавҳараки чашми худ ҳифз менамоянд, падарон ва бобоёни фидокорамон, ватандӯстони ҳақиқии Ватанамон арҷ мегузорем, ба онҳо орзуҳои беҳтарини худро изҳор менамоем.

Ба падару модароне, ки чунин фарзандони диловару содиқро тарбия карда ба камол расонидаанд, ба оилаҳои хидматчиёни ҳарбӣ, ки ҳамеша ҳангоми иҷрои вазифаи муқаддаси онҳо такягоҳашон буданд, миннатдории амиқ изҳор мекунем.

Агар гӯем, ки нирӯ ва қудрати артиши мо дар ягонагӣ ва ҳамдилии хидматчиёни ҳарбӣ ва тамоми ҷамъиятамон мебошад, дуруст аст.

То он даме, ки чунин манбаи иқтидори бузурги маънавӣ дорем, ягон қувваи бад наметавонад ба ҳаёти орому осудаи мо, мустақилии Ӯзбекистон таҳдид кунад ва моро аз роҳи дигаргуниҳои демократӣ бозпас баргардонад.

**Дӯстони азиз!**

Қувваҳои Мусаллаҳи Ӯзбекистон, ки кафолати муътамади истиқлолияти Ватан, ҳаёти осудаву фаровони халқамон мебошад, тӯли 28 сол роҳи мураккаб ва ҳамзамон пуршарафи истиқрорро тай намуд.

Ба хусус дар натиҷаи ислоҳоти куллие, ки солҳои охир татбиқ шуданд, артиши миллӣ нирӯманд, зудамалу самарабахш мегардад, қодир аст ба тамоми таҳдидҳо ҷавоби сазовор диҳад.

Дар доираи татбиқ сохтани сиёсати нави минтақавӣ, ки ба равандҳои рӯшодӣ ва ба инобат гирифтани манфиатҳои тарафайн асос мекунад, Қувваҳои Мусаллаҳи мо робитаҳои қарини шарикиро бо ҳамкорони худ аз тамоми кишварҳои Осиёи Марказӣ ба роҳ монданд ва мустаҳкам мекунанд. Солҳои охир мо як қатор машқҳои муштараки ҳарбӣ гузаронидем, ҳамчунин сафарҳои дараҷаи олии ҳайатҳои ҳарбиро ба роҳ мондем, дар тайёрии таҷилӣ ва ҳарбӣ мубодилаи таҷриба кардем.

Чунин ҳамкориҳои рӯзафзуни мо алҳол омили муҳими таъмин шудани амният ва эътидоли минтақа, сулҳу салоҳ дар хонаи умумии мо – Осиёи Марказӣ мегардад.

Низоми таълими муттасили ҳарбӣ, ки мувофиқи меъёрҳои олитарини ҷаҳон ба роҳ монда мешавад, мунтазам идома дорад. Алҳол дар қатори муассисаҳои замонавии таълими олии мамлакат Донишкадаи ҳарбии технологияҳои иттилоотиву коммуникатсионӣ ва алоқа, ки аз нав ташкил шуду аз бисёр ҷиҳат нодир мебошад, мақоми сазовор пайдо кард.

Баробари ин факултаи нави тайёркунии афсарони зинаи таъҷиливу стратегии раёсат таъсис ёфт, иншооти иловагии инфрасохтори таълимӣ дар Академияи Қувваҳои Мусаллаҳ ба истифода супурда шуданд. Ҷараёни ташкил кардани Маркази таълим оид ба тайёркунии хидматчиёни ҳарбии шуъбаҳои таъиноти махсус анҷом меёбад. Бобати такмил додани фаъолияти Донишкадаи ҳарбиву техникии Гвардияи миллӣ корҳои азим иҷро мешаванд.

Ба сохтори нави ташкилӣ гузаштани Қувваҳои Мусаллаҳ бо назардошти ҷорӣ намудани низоми таҷдиди дақиқи тайёрии ҳарбӣ омодагии ҷангӣ ва иқтидори ҷанговарии артишамонро чандин карат баланд бардошт.

Алҳол ҷанговарони мо дар сухан не, балки дар амал собит менамоянд, ки бинобар дараҷаи тайёрии касбии худ аз хидматчиёни ҳарбии қӯшунҳои кишварҳои пешқадами ҷаҳон камӣ надоранд. Намояндагони Ӯзбекистон дар машқҳои байналхалқӣ, мусобиқаҳои ҳарбӣ ва варзишӣ маҳорат, рӯҳи мустаҳкам, иродаи ба ғалаба доштаи худро намоиш медиҳанд, худро ҳамчун ворисони сазовори гузаштагони бузургамон муаррифӣ мекунанд.

Ҳамаи ин, бидуни шубҳа, боиси эҳсоси ифтихори тамоми аҳолии Ӯзбекистон ва ба хусус ҷавонон аз артиши мо, эҳтироми онҳо ба касби пуршарафи муҳофизи Ватан мегардад.

Вазифаҳо бинобар рушди минбаъдаи маҷмӯи саноати мудофиаи мо, ки қодир бошад артиши миллиро бо яроқу аслиҳа ва воситаҳои зарурии дигар таъмин кунад, зина ба зина ҳаллу фасл мешаванд.

Бозсозӣ ва аз ҷиҳати техникӣ мусаллаҳ сохтани Заводи таъмири авиатсионии Чирчиқ ва корхонаи оид ба истеҳсоли яроқу аслиҳаҳои ҳарбӣ мисоли равшани ин гуфтаҳо ба шумор меравад, дар онҳо фароҳам овардани иқтидори илмиву техникӣ бошад, асоси ташаккулёбии кластерҳои илмиву саноатии соҳаҳои мазкур мегардад.

Корҳое, ки мо бобати ташаккул додани сектори иқтисодиёти мукаммали мудофиа татбиқ менамоем, дар пешомади наздиктарин имкон медиҳанд нафақат артиши миллиро бо яроқу аслиҳа ва техника таъмин кунем, балки ҷойҳои иловагии корӣ ташкил диҳем, ҳамчунин иқтисодиёти мамлакатро диверсификатсия намоем.

Дар фаъолияти секторҳои ҳарбиву маъмурӣ, ки «пул»-и муътамади байни халқ ва артиш мегарданд, комёбиҳои назаррас мушоҳида мешаванд. Пас аз ташкил кардани онҳо таҳти шиори «Халқ ва артиш ягонаанд» бобати бозсозии инфрасохтори ҳарбӣ ва ҳаллу фасл кардани мушкилоти ба миён омадаи иҷтимоӣ корҳои васеъмиқёс амалӣ шуданд.

Шаҳракҳои ҳарбӣ симои замонавӣ гирифтанд, дар хидмати таъминоти ақибгоҳ низоми аутсорсинг ҷорӣ карда шуд. Тӯли се соли сипаришуда ба мақсади таъмин кардани беш аз **8 ҳазор** оилаи хидматчиёни ҳарбӣ бо манзилҳои аз ҳар ҷиҳат мусоид **275** хонаҳои бисёрошёна бунёд гардида, тақрибан **600** ҷойҳои корӣ барои ҳамсарони хидматчиёни ҳарбӣ фароҳам оварда шуд, **1,9 ҳазор** нафақахӯрони ҳарбӣ бо кор таъмин шуданд.

Сафарбаркунии фаъоли артишро ба тарбияи насли наврас дар рӯҳи ватандӯстӣ ва муҳаббат ба Ватан, арҷгузорӣ ба анъана ва суннатҳои мо, донистани таърихи пуршарафи худ мехостам махсус таъкид намоям. Муътақидам, ки созмонҳое чун «Собиқадор», «Ватанпарвар», ҳамчунин Шӯрои ҷамъиятии назди Вазорати мудофиа бобати минбаъд пурзӯр кардани тарбияи ҳарбиву ватанпарварии ҷавонон ва дар онҳо ташаккул додани мавқеи фаъоли шаҳрвандӣ кори бағоят зарурӣ ва муштаракро идома медиҳанд.

Баробари ин мехоҳам зарурияти пурзӯр кардани назорати шаҳрвандиро нисбат ба фаъолияти Қувваҳои Мусаллаҳ қайд намоям. Дар доираи ваколатҳои зиёди худ парлумон алҳол татбиқшавии Қонун дар бораи Доктринаи мудофиа ва ҳуҷҷатҳои дигари қонунгузории соҳаи мудофиаро назорат мекунад. Соли гузашта аз ҷониби Сенати Олий Маҷлис чандин бор маърӯзаҳои роҳбарони вазорат ва идораҳои нирӯӣ бинобар масъалаҳои рӯзмарраи сохтор ва рушди Қувваҳои Мусаллаҳ, адои хидмати ҳарбии шаҳрвандони Ҷумҳурии Ӯзбекистон баррасӣ шуд.

**Ҳамватанони азиз!**

Вазъияти зудтағйирёбандаи ҷаҳон ва вазъи шадид дар баъзе минтақаҳои он, афзудани таҳдидҳои терроризми байналхалқӣ ва экстремизм аз мо таҳлили ҳамаҷониба ва пешгӯии вазъи байналхалқиву минтақавӣ, қабул кардани чораҳои маҷмӯиеро, ки ба таъмин сохтани амният ва эътидоли мамлакат, баланд бардоштани тайёрии ҳарбӣ ва иқтидори ҷанговарии Қувваҳои Мусаллаҳ нигаронида шудаанд, тақозо менамоянд.

Бояд кори фаъол бобати минбаъд мустаҳкам намудани низоми мудофиа ва ҳифзи сарҳадҳои давлатӣ, такмил додани низомҳои идораи қӯшунҳо, баланд бардоштани самаранокии ташкили тайёрии ҳарбӣ, бо намунаҳои навтарини яроқу аслиҳа ва техника муҷаҳҳаз сохтани Қувваҳои Мусаллаҳ, рушди маҷмӯи саноати мудофиаи мамлакат мунтазам идома дода шавад.

Мо минбаъд низ ба тайёркунии кадрҳои баландихтисоси ҳарбӣ, дар ҷараёни таълиму тарбия васеъ ҷорӣ намудани таҷрибаи пешқадами хориҷӣ, технологияҳои таълимӣ ва иттилоотиву коммуникатсионӣ, ҳамчунин пурзӯр намудани ҳифзи иҷтимоиву ҳуқуқии хидматчиёни ҳарбӣ, аъзои оилаи онҳо ва собиқадорони Қувваҳои Мусаллаҳ эътибори аввалиндараҷа хоҳем дод.

**Дӯстони азиз!**

**Муҳофизони диловар ва ҷасури Ватани мо!**

Дар ин рӯзҳои ҷашнӣ ва дар арафаи таҷлили 75-умин солгарди Ғалаба дар Ҷанги дуюми ҷаҳон мо корҳои бузурги амалиро татбиқ менамоем ва беш аз пеш амиқ дарк мекунем, ки эҳтиром ва эътибори баланд ба гузаштагон – ғолибоне, ки бар ивази ҳаёти худ озодии халқҳои ҷаҳонро таъмин кардаанд, чи қадр муҳим мебошад.

Ба тамоми хидматчиёни ҳарбӣ – аскарони қаторӣ ва сержантҳо, афсарон ва генералҳо, собиқадорони Қувваҳои Мусаллаҳ саломатии мустаҳкам, комёбиҳои бузург, дар роҳи хидмат ба Ватан нирӯву ғайрат, ҳамчунин бахту саодат ва дар соли нави 2020-ум ба оилаҳоятон беҳбудӣ орзу мекунам!

**Шавкат МИРЗИЁЕВ,**
**Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон,**
**Сарфармондеҳи Олии**
**Қувваҳои Мусаллаҳ**

**Фармони Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон**

## ДАР БОРАИ МУКОФОТОНИДАНИ ГУРӮҲИ ХИЗМАТЧИЁНИ ҲАРБӢ ВА ХОДИМОНИ МАҚОМОТИ ҲУҚУҚУ ТАРТИБОТ БА МУНОСИБАТИ 28-УМИН СОЛГАРДИ ҚУВВАҲОИ МУСАЛЛАҲИ ҶУМҲУРИИ ӮЗБЕКИСТОН ВА РӮЗИ МУҲОФИЗОНИ ВАТАН

Барои хидматҳои бузург дар пурзӯр кардани иқтидори мудофиавӣ ва имкониятҳои ҳарбиву техникии мамлакат, таъмин сохтани бехатарии давлатӣ ва дахлнопазирии сарҳадҳои давлатӣ, ташаккул додани артиши касбии миллӣ, баланд бардоштани нуфузи хизмати ҳарбӣ, фаъолияти самарабахш бобати мустаҳкам намудани сулҳу салоҳ ва тартиботи ҷамъиятӣ, ҳифзи ҳуқуқ, озодӣ ва манфиатҳои қонунии шаҳрвандон, барои мардонагӣ, ҷасорат ва фидокорӣ, ки ҳангоми иҷрои вазифаи хидматӣ зоҳир карда шудаанд, саҳми муносибашон дар тарбияи ҷавонон дар рӯҳи садоқат ба Ватан, тайёр кардани кадрҳое, ки дониш ва маҳорати касбӣ доранд, инҳо бо орден ва медалҳо мукофотонида шаванд:

### бо ордени «Шон – шараф» дараҷаи I

**Турдиев Алишер Талибович** – муовини сардори раёсати Вазорати мудофиаи Ҷумҳурии Ӯзбекистон

### бо ордени «Шон – шараф» дараҷаи II

**Бузруков Лутфулло Юсупович** – командири қӯшунҳои округи ҳарбии Қувваҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Ӯзбекистон

(Давомаш дар саҳ.2).

## РАФТИ ТАТБИҚИ ЛОИҲАҲОИ МУШТАРАК БО АМА ВА ҶОПОН БАРРАСӢ ГАРДИД

***Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон Шавкат Мирзиёев бахшида ба мавриди муҳокимаи татбиқи созишномаҳое, ки оид ба ҷамъбасти ташрифҳои соли 2019-уми сатҳи олӣ дар Аморати Муттаҳидаи Араб ва Ҷопон ба даст омаданд, ҷамъомад баргузор намуд.***

Ин ду мамлакат дорои имкониятҳои васеи сармоягузорӣ, таҷрибаи рушди рӯзафзун, навсозӣ ва самарабахш ҷорӣ кардани технологияҳои пешқадам, татбиқи лоиҳаҳои васеъмиқёси сармоягузорӣ, ки ташаккули иқтисодиёти табақакунондашуда ва устуворро таъмин мекунад, мебошанд.

Ташрифҳои расмии Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон ба АМА 24-26 март ва 17-20 декабри соли 2019 ба Ҷопон дар таърихи ҳамкории дуҷониба саҳифаи навро кушоданд.

(Давомаш дар саҳ.3).

## ВАЗИФАҲОИ ОИД БА РУШДИ ЭНЕРГЕТИКАИ ЭЛЕКТРӢ ДАР СОЛИ 2020-УМ БАРРАСӢ ШУДАНД

***13 январ Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон Шавкат Мирзиёев бахшида ба баррасии вазифаҳои асосии соли равон оид ба рушди минбаъдаи соҳаи энергетикаи электрӣ машварат баргузор кард.***

Саноати мазкур омили муҳими таъмин кардани суръати мустақими рушди иқтисодиёт ва фаровонҳолии аҳолӣ ба шумор меравад. Бобати бозсозии соҳа, пурзӯр кардани иқтидори энергетикӣ ва таъминоти муттасили истеъмолгарон бо электр чораҳои васеъмиқёс қабул мешаванд.

Мувофиқи қарори роҳбари давлат аз 1 феврали соли 2019 Вазорати энергетикаи Ҷумҳурии Ӯзбекистон ташкил гардид. Бинобар қарори Президент аз 27 марти ҳамон сол ҷамъияти саҳҳомии «Ӯзбекэнерго» таъсис ёфт, дар пойгоҳи он ҷамъиятҳои саҳҳомии «Истгоҳҳои гармии электрӣ», «Шабакаҳои миллии электрии Ӯзбекистон» ва «Шабакаҳои ҳудудии электрӣ» ташкил гардиданд.

Соли гузашта дар мамлакат аз ҳисоби татбиқ сохтани 6 лоиҳаи бузург иқтидорҳои энергетикаи электрӣ дар ҳаҷми умумии 1076 мегаватт сохта ба истифода супурда шуданд.

(Давомаш дар саҳ.3).

**Фармони Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон**

## ДАР БОРАИ БА ВАЗИФАИ ҲОКИМИ ВИЛОЯТИ АНДИҶОН ТАЪИН НАМУДАНИ Ш. К. АБДУРАХМАНОВ

Мувофиқи банди 15-уми моддаи 93 ва моддаи 102-юми Конститутсияи Ҷумҳурии Ӯзбекистон, инчунин қарори Шӯрои намояндагони халқи вилояти Андиҷон:

**Абдурахманов Шухратбек Қушақбаевич** ба вазифаи ҳокими вилояти Андиҷон таъин карда шавад.

**Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон Ш. МИРЗИЁЕВ**

*Шаҳри ТОШКАНД,*
*13 январи соли 2020.*

**Фармони Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон**

## ДАР БОРАИ БА ВАЗИФАИ ҲОКИМИ ВИЛОЯТИ БУХОРО ТАЪИН НАМУДАНИ Ӯ. И. БАРНОЕВ

Мувофиқи банди 15-уми моддаи 93 ва моддаи 102-юми Конститутсияи Ҷумҳурии Ӯзбекистон, инчунин қарори Шӯрои намояндагони халқи вилояти Бухоро:

**Барноев Ӯктам Исоевич** ба вазифаи ҳокими вилояти Бухоро таъин карда шавад.

**Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон Ш. МИРЗИЁЕВ**

*Шаҳри ТОШКАНД,*
*13 январи соли 2020.*

**Фармони Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон**

## ДАР БОРАИ БА ВАЗИФАИ ҲОКИМИ ВИЛОЯТИ ҶИЗЗАХ ТАЪИН НАМУДАНИ Э. А. САЛИЕВ

Мувофиқи банди 15-уми моддаи 93 ва моддаи 102-юми Конститутсияи Ҷумҳурии Ӯзбекистон, инчунин қарори Шӯрои намояндагони халқи вилояти Ҷиззах:

**Салиев Эргаш Алибекович** ба вазифаи ҳокими вилояти Ҷиззах таъин карда шавад.

**Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон Ш. МИРЗИЁЕВ**

*Шаҳри ТОШКАНД,*
*13 январи соли 2020.*

**Фармони Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон**

## ДАР БОРАИ БА ВАЗИФАИ ҲОКИМИ ВИЛОЯТИ ҚАШҚАДАРЁ ТАЪИН НАМУДАНИ З. Т. МИРЗАЕВ

Мувофиқи банди 15-уми моддаи 93 ва моддаи 102-юми Конститутсияи Ҷумҳурии Ӯзбекистон, инчунин қарори Шӯрои намояндагони халқи вилояти Қашқадарё:

**Мирзаев Зойир Тоирович** ба вазифаи ҳокими вилояти Қашқадарё таъин карда шавад.

**Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон Ш. МИРЗИЁЕВ**

*Шаҳри ТОШКАНД,*
*13 январи соли 2020.*

**Фармони Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон**

## ДАР БОРАИ БА ВАЗИФАИ ҲОКИМИ ВИЛОЯТИ НАВОӢ ТАЪИН НАМУДАНИ К. Б. ТУРСУНОВ

Мувофиқи банди 15-уми моддаи 93 ва моддаи 102-юми Конститутсияи Ҷумҳурии Ӯзбекистон, инчунин қарори Шӯрои намояндагони халқи вилояти Навоӣ:

**Турсунов Кобил Бекназарович** ба вазифаи ҳокими вилояти Навоӣ таъин карда шавад.

**Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон Ш. МИРЗИЁЕВ**

*Шаҳри ТОШКАНД,*
*13 январи соли 2020.*

**Фармони Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон**

## ДАР БОРАИ БА ВАЗИФАИ ҲОКИМИ ВИЛОЯТИ НАМАНГОН ТАЪИН НАМУДАНИ Х. Х. БОЗАРОВ

Мувофиқи банди 15-уми моддаи 93 ва моддаи 102-юми Конститутсияи Ҷумҳурии Ӯзбекистон, инчунин қарори Шӯрои намояндагони халқи вилояти Намангон:

**Бозаров Хайрулло Хайитбаевич** ба вазифаи ҳокими вилояти Намангон таъин карда шавад.

**Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон Ш. МИРЗИЁЕВ**

*Шаҳри ТОШКАНД,*
*13 январи соли 2020.*

## РАИСИ ҶОҚАРГИ КЕНЕС ИНТИХОБ ВА РАИСИ ШӮРОИ ВАЗИРОНИ ҶУМҲУРИИ ҚАРОҚАЛПОҚИСТОН ТАЪИН ГАРДИД

***13 январи соли 2020 баъд аз интихобот аввалин ҷамъомади сессияи Ҷоқарги Кенеси Ҷумҳурии Қароқалпоқистон баргузор гардид.***

Дар он мувофиқи моддаи 80-уми Конститутсияи Ҷумҳурии Қароқалпоқистон бинобар розигии Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон Ерниязов Муса Тажетдинович Раиси Ҷоқарги Кенеси Ҷумҳурии Қароқалпоқистон интихоб гардид.

Инчунин, бинобар тақдимномаи бо Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон мутобиққардашудаи Раиси Ҷоқарги Кенеси Ҷумҳурии Қароқалпоқистон Сариев Кахраман Раматуллаевич Раиси Шӯрои Вазирони Ҷумҳурии Қароқалпоқистон таъин гардид.

**Ватанпарварӣ – кафолати пешрафти миллӣ**

## ТАРАННУМИ ВАЗИФАИ МУҚАДДАС ДАР НАЗДИ ВАТАН

***Дар қасри «Дӯстии халқҳо»-и пойтахт бахшида ба 28-умин солгарди ташкилёбии Қувваҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Ӯзбекистон ва Рӯзи муҳофизони Ватан тадбири идона баргузор шуд.***



Майдони «Дӯстии халқҳо»... Парчами Ватанамон парафшон аст. Техникаҳои ҳарбӣ ва яроқу аслиҳаҳо ба намоиш гузошта шудаанд. Онҳоро падару модарон якҷо бо фарзандони худ тамошо мекунанд, пиру барно, меҳмонони пойтахт дар ҳамин ҷо ҷамъ омадаанд. Дар чашму рухсори ҳамагон эҳсоси хурсандӣ аз ҳаёт падидор аст. Агар бо як сухан гӯем, дар ин майдон оромиву фаровонӣ тантана дорад. Дар чунин лаҳзаҳо дар қалби кас эҳсоси ватанпарварӣ беш аз пеш мавҷ мезанад, дар қалбҳо меҳри Ватан бештар мешавад.

Қасри санъат бо ҳарбиён ва аъзои оилаи онҳо саршор аст. Ба ин ҷо ба муносибати ҷашн сенаторон, депутатҳо, аъзои ҳукумат, собиқадорони Қувваҳои Мусаллаҳ, ҳайатҳои дипломатӣ ва созмонҳои байналхалқӣ, намояндагони ҷомеаи васеъ даъват шудаанд.

(Давомаш дар саҳ.3).

**Фармони Президенти Ҷумҳурии Ўзбекистон**

## ДАР БОРАИ БА ВАЗИФАИ ҲОКИМИ ВИЛОЯТИ САМАРҚАНД ТАЪИН НАМУДАНИ Э. О. ТУРДИМОВ

Мувофиқи банди 15-уми моддаи 93 ва моддаи 102-юми Конститутсияи Ҷумҳурии Ўзбекистон, инчунин қарори Шўрои намояндагони халқи вилояти Самарқанд:

**Турдимов Эркинҷон Оқбутаевич** ба вазифаи ҳокими вилояти Самарқанд таъин карда шавад.

**Президенти Ҷумҳурии Ўзбекистон Ш. МИРЗИЁЕВ**

*Шаҳри ТОШКАНД,*
*13 январи соли 2020.*

**Фармони Президенти Ҷумҳурии Ўзбекистон**

## ДАР БОРАИ БА ВАЗИФАИ ҲОКИМИ ВИЛОЯТИ СИРДАРЁ ТАЪИН НАМУДАНИ Ғ. Ғ. МИРЗАЕВ

Мувофиқи банди 15-уми моддаи 93 ва моддаи 102-юми Конститутсияи Ҷумҳурии Ўзбекистон, инчунин қарори Шўрои намояндагони халқи вилояти Сирдарё:

**Мирзаев Ғофурҷон Ғаниевич** ба вазифаи ҳокими вилояти Сирдарё таъин карда шавад.

**Президенти Ҷумҳурии Ўзбекистон Ш. МИРЗИЁЕВ**

*Шаҳри ТОШКАНД,*
*13 январи соли 2020.*

**Фармони Президенти Ҷумҳурии Ўзбекистон**

## ДАР БОРАИ БА ВАЗИФАИ ҲОКИМИ ВИЛОЯТИ СУРХОНДАРЁ ТАЪИН НАМУДАНИ Т. А. БОБОЛОВ

Мувофиқи банди 15-уми моддаи 93 ва моддаи 102-юми Конститутсияи Ҷумҳурии Ўзбекистон, инчунин қарори Шўрои намояндагони халқи вилояти Сурхондарё:

**Боболов Тўра Абдиевич** ба вазифаи ҳокими вилояти Сурхондарё таъин карда шавад.

**Президенти Ҷумҳурии Ўзбекистон Ш. МИРЗИЁЕВ**

*Шаҳри ТОШКАНД,*
*13 январи соли 2020.*

**Фармони Президенти Ҷумҳурии Ўзбекистон**

## ДАР БОРАИ БА ВАЗИФАИ ҲОКИМИ ВИЛОЯТИ ТОШКАНД ТАЪИН НАМУДАНИ Р. Қ. ХОЛМАТОВ

Мувофиқи банди 15-уми моддаи 93 ва моддаи 102-юми Конститутсияи Ҷумҳурии Ўзбекистон, инчунин қарори Шўрои намояндагони халқи вилояти Тошканд:

**Холматов Рустам Курбонназарович** ба вазифаи ҳокими вилояти Тошканд таъин карда шавад.

**Президенти Ҷумҳурии Ўзбекистон Ш. МИРЗИЁЕВ**

*Шаҳри ТОШКАНД,*
*13 январи соли 2020.*

**Фармони Президенти Ҷумҳурии Ўзбекистон**

## ДАР БОРАИ БА ВАЗИФАИ ҲОКИМИ ВИЛОЯТИ ФАРҒОНА ТАЪИН НАМУДАНИ Ш. М. ГАНИЕВ

Мувофиқи банди 15-уми моддаи 93 ва моддаи 102-юми Конститутсияи Ҷумҳурии Ўзбекистон, инчунин қарори Шўрои намояндагони халқи вилояти Фарғона:

**Ганиев Шухрат Мадаминович** ба вазифаи ҳокими вилояти Фарғона таъин карда шавад.

**Президенти Ҷумҳурии Ўзбекистон Ш. МИРЗИЁЕВ**

*Шаҳри ТОШКАНД,*
*13 январи соли 2020.*

**Фармони Президенти Ҷумҳурии Ўзбекистон**

## ДАР БОРАИ БА ВАЗИФАИ ҲОКИМИ ВИЛОЯТИ ХОРАЗМ ТАЪИН НАМУДАНИ Ф. У. ЭРМАНОВ

Мувофиқи банди 15-уми моддаи 93 ва моддаи 102-юми Конститутсияи Ҷумҳурии Ўзбекистон, инчунин қарори Шўрои намояндагони халқи вилояти Хоразм:

**Эрманов Фарход Уразбоевич** ба вазифаи ҳокими вилояти Хоразм таъин карда шавад.

**Президенти Ҷумҳурии Ўзбекистон Ш. МИРЗИЁЕВ**

*Шаҳри ТОШКАНД,*
*13 январи соли 2020.*

**Фармони Президенти Ҷумҳурии Ўзбекистон**

## ДАР БОРАИ БА ВАЗИФАИ ҲОКИМИ ШАҲРИ ТОШКАНД ТАЪИН НАМУДАНИ Ҷ. А. АРТИКХОДЖАЕВ

Мувофиқи банди 15-уми моддаи 93 ва моддаи 102-юми Конститутсияи Ҷумҳурии Ўзбекистон, инчунин қарори Шўрои намояндагони халқи шаҳри Тошканд:

**Артикходжаев Ҷахонгир Абидович** ба вазифаи ҳокими шаҳри Тошканд таъин карда шавад.

**Президенти Ҷумҳурии Ўзбекистон Ш. МИРЗИЁЕВ**

*Шаҳри ТОШКАНД,*
*13 январи соли 2020.*

**Фармони Президенти Ҷумҳурии Ўзбекистон**

# ДАР БОРАИ МУКОФОТОНИДАНИ ГУРЎҲИ ХИЗМАТЧИЁНИ ҲАРБӢ ВА ХОДИМОНИ МАҚОМОТИ ҲУҚУҚУ ТАРТИБОТ БА МУНОСИБАТИ 28-УМИН СОЛГАРДИ ҚУВВАҲОИ МУСАЛЛАҲИ ҶУМҲУРИИ ЎЗБЕКИСТОН ВА РЎЗИ МУҲОФИЗОНИ ВАТАН

⇦ (Аввалаш дар саҳ.1).

**Исмоилов Темур Камалатддинович** – сардори Сарраёсати Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Ўзбекистон

**Маҷидов Улуғбек Абдувохидович** – командири қисми ҳарбии Вазорати мудофиаи Ҷумҳурии Ўзбекистон

**Рашидов Алишер Адумаҷидович** – сардори раёсати Гвардияи миллии Ҷумҳурии Ўзбекистон

**Тешабоев Мурод Ойхўҷаевич** – командири қисми ҳарбии Вазорати мудофиаи Ҷумҳурии Ўзбекистон

## бо ордени «Дўстлик»

**Бя Юрий Ярославович** – муовини сардори шуъбаи Сарраёсати бехатарии сўхтори Вазорати оид ба вазъиятҳои фавқулоддаи Ҷумҳурии Ўзбекистон

**Зоҳидов Абдурасул Абдусаттарович** – директори ҷамъияти масъулияташ маҳдуди «Discover Invest»

**Земсков Александр Юревич** – командири қисми ҳарбии Вазорати мудофиаи Ҷумҳурии Ўзбекистон

**Мирвохитов Мирсаид Мирфаттух ўғли** – директори ҷамъияти масъулияташ маҳдуди «Natural Houses»

**Миргалиев Асхад Осатович** – саринструктор – омўзгори маркази таълимии Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Ўзбекистон

**Мирхонов Умид Сапарович** – муовини командири қисми ҳарбии Вазорати мудофиаи Ҷумҳурии Ўзбекистон

**Турғунов Илҳом Турғунович** – сардори Раёсати дастгоҳи маркази Гвардияи миллии Ҷумҳурии Ўзбекистон

## бо ордени «Мардлик»

**Қосимов Равшан Норқобилович** – командири қисми ҳарбии Вазорати мудофиаи Ҷумҳурии Ўзбекистон

**Мамадмусоев Мирзокул Мавлонқулович** – муовини сардори Раёсати корҳои дохилии вилояти Сурхондарё оид ба ҳифзи тартиботи ҷамъиятӣ

**Отақўзиев Шухратҷон Нурмуҳаммадович** – командири қисми ҳарбии Гвардияи миллии Ҷумҳурии Ўзбекистон

**Раҳмонов Раҳматулло Бозорович** – командири қисми ҳарбии Вазорати мудофиаи Ҷумҳурии Ўзбекистон

**Собиров Ботирҷон Зокирович** – командири батареяи қисми ҳарбии Вазорати мудофиаи Ҷумҳурии Ўзбекистон

**Тўрахонов Қахрамонҷон Эркинович** – сардори шуъбаи Сарраёсати Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Ўзбекистон

**Ҳакимов Рамазон Салимович** – хидматчии ҳарбии Хидмати амнияти давлатии Ҷумҳурии Ўзбекистон

## бо медали «Ҷасорат»

**Абдуллоев Азизхон Тохирҷон ўғли** – хидматчии ҳарбии Хидмати амнияти давлатии Ҷумҳурии Ўзбекистон

**Абдуллоев Салим Шокирович** – муовини командири гурўҳи қисми ҳарбии Вазорати мудофиаи Ҷумҳурии Ўзбекистон

**Абидов Мурод Мирвохидович** – командири отряди Раёсати оид ба шаҳри Тошканди Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Ўзбекистон

**Алимов Шерзод Боходирович** – хидматчии ҳарбии Хидмати амнияти давлатии Ҷумҳурии Ўзбекистон

**Бўрибоев Нурали Зулхайдарович** – командири взводи қисми ҳарбии Вазорати мудофиаи Ҷумҳурии Ўзбекистон

**Дуланов Мирзоҳид Муҳаммадалиевич** – муовини командири взводи қисми ҳарбии Гвардияи миллии Ҷумҳурии Ўзбекистон

**Ҷабборов Ҷаҳонгир Сотиболдиевич** – хидматчии ҳарбии Хидмати амнияти давлатии Ҷумҳурии Ўзбекистон

**Ҷалилов Ҷамшед Норкузиевич** – командири взводи қисми ҳарбии Вазорати мудофиаи Ҷумҳурии Ўзбекистон

**Ҷўраев Ахрол Ахатуллоевич** – хидматчии ҳарбии Хидмати амнияти давлатии Ҷумҳурии Ўзбекистон

**Исматтуллаев Барҳаёт Сойибович** – муовини командири взводи қисми ҳарбии Вазорати мудофиаи Ҷумҳурии Ўзбекистон

**Йигиталиев Ойбек Аскаралиевич** – командири эскадриляи қисми ҳарбии Вазорати мудофиаи Ҷумҳурии Ўзбекистон

**Йигиталиев Шокирҷон Зухриддин ўғли** – муовини командири взводи Ситоди минтақавии Қўшунҳои сарҳадии Хидмати амнияти давлатии Ҷумҳурии Ўзбекистон

**Мунтурганов Байрамбек Женисбаевич** – муовини командири взводи Ситоди минтақавии Қўшунҳои сарҳадии Хидмати амнияти давлатии Ҷумҳурии Ўзбекистон

**Норалиев Ҷурабек Эралиевич** – хидматчии ҳарбии Хидмати амнияти давлатии Ҷумҳурии Ўзбекистон

**Раҷабалиев Санҷар Эшмуродович** – сардори шуъбаи дастгоҳи раёсати округи ҳарбии Қувваҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Ўзбекистон

**Раҳмонов Хусен Искандарович** – муовини аввали командири отряди Вазорати мудофиаи Ҷумҳурии Ўзбекистон

**Сидиқов Ғолибҷон Рахимбердиевич** – командири отряди Раёсати корҳои дохилии вилояти Намангон

**Умурзаков Ҷурабек Набиҷонович** – хидматчии ҳарбии Хидмати амнияти давлатии Ҷумҳурии Ўзбекистон

**Ҳоҷиматов Мадёрбек Турсунбоевич** – хидматчии ҳарбии Хидмати амнияти давлатии Ҷумҳурии Ўзбекистон

**Хўҷаев Дадахон Илҳомович** – корманди қатории раёсати мудофиаи Гвардияи миллии Ҷумҳурии Ўзбекистон

**Юсупов Мухтор Бекҷонович** – сардори раёсати Гвардияи миллии Ҷумҳурии Ўзбекистон

## бо медали «Содиқ хизматлари учун»

**Абдураҳмонов Яхё Ҳусанович** – сардори раёсати дастгоҳи идораи округи ҳарбии Қувваҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Ўзбекистон

**Абдуҳамидов Мадаминҷон Муҳаммадҷонович** – муовини сардори штаби Ситоди минтақавии Қўшунҳои сарҳадии Хидмати амнияти давлатии Ҷумҳурии Ўзбекистон

**Авазбердиев Дилшод Реджапбаевич** – мутахассиси гурўҳи қисми ҳарбии Гвардияи миллии Ҷумҳурии Ўзбекистон

**Адизов Зоҳид Рашидович** – мутахассиси гурўҳи қисми ҳарбии Вазорати мудофиаи Ҷумҳурии Ўзбекистон

**Азимов Ихволҷон Омонбоевич** – сардори раёсати гумруки вилояти Фарғона

**Асфандияров Рамил Рустамович** – сардори хидмати Гвардияи миллии Ҷумҳурии Ўзбекистон

**Ахмадалиев Рашит Мусинович** – сардори кафедраи Академияи Қувваҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Ўзбекистон

**Ахмедов Зафарҷон Азамович** – хидматчии ҳарбии Хидмати амнияти давлатии Ҷумҳурии Ўзбекистон

**Балхиев Нуриддин Исамитдинович** – сардори шуъбаи оид ба вазъиятҳои фавқулоддаи ноҳияи Фориши Раёсати оид ба вазъиятҳои фавқулоддаи вилояти Ҷиззахи Вазорати оид ба вазъиятҳои фавқулоддаи Ҷумҳурии Ўзбекистон

**Бобоназаров Бекзод Бахтиёрович** – командири баталони қисми ҳарбии Вазорати мудофиаи Ҷумҳурии Ўзбекистон

**Бозоров Ўктам Турмуҳаммадович** – афсари калони раёсати Гвардияи миллии Ҷумҳурии Ўзбекистон

**Бозоров Эралӣ Хабибуллоевич** – муовини сардори Сарраёсати бехатарии ҳаракати роҳи Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Ўзбекистон

**Ғуломов Фахриддин Шокирович** – сардори корхонаи давлатии унитарии «Хавфсиз дарё»-и Вазорати оид ба вазъиятҳои фавқулоддаи Ҷумҳурии Ўзбекистон

**Ибрагимов Искандар Икромович** – командири баталони Гвардияи миллии Ҷумҳурии Ўзбекистон

**Исаев Баходир Усмонович** – хидматчии ҳарбии Хидмати амнияти давлатии Ҷумҳурии Ўзбекистон

**Кадиров Камил Шамилевич** – сардори раёсати Ситоди генералии Қувваҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Ўзбекистон

**Кадиров Шаухат Жанабаевич** – сардори маркази идораи таъҷилии Раёсати оид ба вазъиятҳои фавқулоддаи Ҷумҳурии Қароқалпоқистони Вазорати оид ба вазъиятҳои фавқулоддаи Ҷумҳурии Ўзбекистон

**Қосимов Гайрат Ташкенбекович** – муовини раиси ҷамъияти тарбияи ҷисмониву варзиши «Динамо»-и Гвардияи миллии Ҷумҳурии Ўзбекистон

**Қодиров Хотам Шокирович** – намояндаи сардори Сарраёсати корҳои дохилии вилояти Тошканд оид ба минтақаи дуюми қитъавӣ

**Кудратов Ўктам Гофурович** – муовини сардори кафедраи Омўзишгоҳи олии авиатсияи ҳарбии Ҷумҳурии Ўзбекистон

**Мамарасулов Равшан Рустамович** – сармуҳандис – муовини директори корхонаи давлатии «Заводи таъмири авиатсиони и Чирчиқ»-и Кумитаи давлатии Ҷумҳурии Ўзбекистон оид ба саноати мудофиа

**Муйдинов Алиҷон Аҳмадҷонович** – ёвари командири взводи Гурўҳи таъҷилии Қўшунҳои сарҳадии Хидмати амнияти давлатии Ҷумҳурии Ўзбекистон

**Нормаматов Муродбек Ибайдуллаевич** – мутахассиси гурўҳи қисми ҳарбии Гвардияи миллии Ҷумҳурии Ўзбекистон

**Палванов Шакир Базарбаевич** – лаборанти калони лабораторияи қисми ҳарбии Вазорати мудофиаи Ҷумҳурии Ўзбекистон

**Расулов Ҳусниддин Холмуродович** – сардори қаровулон – командири гурўҳи қисми ҳарбии Вазорати мудофиаи Ҷумҳурии Ўзбекистон

**Раҳмонов Хондамир Парманқулович** – сардори идораи дастгоҳи маркази Гвардияи миллии Ҷумҳурии Ўзбекистон

**Раҳматов Дустёр Ҷалолович** – командири взводи қисми ҳарбии Гвардияи миллии Ҷумҳурии Ўзбекистон

**Реймов Максетбай Жолдасбаевич** – муовини командири гурўҳи қисми ҳарбии Вазорати мудофиаи Ҷумҳурии Ўзбекистон

**Тўраев Зафарҷон Турсунпўлатович** – муовини аввали сардори Институти ҳифзи шаҳрвандии Вазорати оид ба вазъиятҳои фавқулоддаи Ҷумҳурии Ўзбекистон

**Турсунов Кодиржон Мухаммаджонович** — сардори кафедраи Институти ҳарбии технологияи ахбору коммуникатсионӣ ва алоқаи Вазорати мудофиаи Ҷумҳурии Ўзбекистон

**Тухтасинов Икболҷон Иномҷонович** – командири баталони махсуси Қўшунҳои Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Ўзбекистон оид ба таъмин кардани амнияти аэропортҳои байналхалқӣ

**Ҳабиев Илдар Рашидович** – хидматчии ҳарбии Хидмати амнияти давлатии Ҷумҳурии Ўзбекистон

**Ҳамроев Бахшилло Ғайбуллаевич** –сардори хидмати қисми ҳарбии Вазорати мудофиаи Ҷумҳурии Ўзбекистон

**Ҳамроев Камолҷон Каримович** – сардори шуъбаи оид ба вазъиятҳои фавқулоддаи ноҳияи Ғиждувони раёсати оид ба вазъиятҳои фавқулоддаи вилояти Бухорои Вазорати оид ба вазъиятҳои фавқулоддаи Ҷумҳурии Ўзбекистон

**Хусенов Хамза Исмоилович** – инспектори калони доир ба профилактикаи шуъбаи корҳои дохилии ноҳияи Пешкўи вилояти Бухоро

**Юлдашев Исмойилҷон Ҷўраевич** – профессори кафедраи Донишкадаи бехатарии сўхтори Вазорати оид ба вазъиятҳои фавқулоддаи Ҷумҳурии Ўзбекистон

## бо медали «Шуҳрат»

**Абдуқаххаров Қобулжон Абдугоппор ўғли** – назоратчии взводи Ситоди минтақавии Қўшунҳои сарҳадии Хидмати бехатарии давлатии Ҷумҳурии Ўзбекистон

**Аллаберганов Махсуд Жуманязович** – сардори қисми сўхторнишониву наҷотдиҳии қисми Раёсати оид ба вазъиятҳои фавқулоддаи вилояти Хоразми Вазорати оид ба вазъиятҳои фавқулоддаи Ҷумҳурии Ўзбекистон

**Алметов Шерзад Болтабаевич** – сарнозири раёсати технологияҳои ахбору коммуникатсионии Кумитаи давлатии гумруки Ҷумҳурии Ўзбекистон

**Астанкулов Отабек Тохирович** – техники калони пункти мобилии раёсати Вазорати оид ба вазъиятҳои фавқулоддаи Ҷумҳурии Ўзбекистон

**Ачилов Мансур Сувонбоевич** – муовини қумондони взводи Ситоди минтақавии Қўшунҳои сарҳадии Хидмати бехатарии давлатии Ҷумҳурии Ўзбекистон

**Бекмурзаев Акмал Абдуалиевич** – сардори шуъбаи Вазорати мудофиаи Ҷумҳурии Ўзбекистон

**Бобомурадов Зохиджон Закирович** – командири отряди Раёсати оид ба вилояти Хоразми Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Ўзбекистон

**Вахидов Абдукадир Исакович** – мутахассиси гурўҳи қисми ҳарбии Вазорати мудофиаи Ҷумҳурии Ўзбекистон

**Жонқобилов Акмал Файзуллаевич** – судяи Суди ҳарбии Ҷумҳурии Ўзбекистон

**Исақов Элмуроджон Изатилло ўғли** – назоратчии взводи Ситоди минтақавии Қўшунҳои сарҳадии Хидмати бехатарии давлатии Ҷумҳурии Ўзбекистон

**Исматов Икромжон Парпиевич** – сардори шуъбаи Ситоди генералии Қувваҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Ўзбекистон

**Курбанов Бахром Фазлитдинович** – хидматчии ҳарбии Хидмати амнияти давлатии Ҷумҳурии Ўзбекистон

**Матякубова Агата Рустамовна** – қумондони отряди қисми ҳарбии Гвардияи миллии Ҷумҳурии Ўзбекистон

**Машарипов Рўзибой Рахимович** – директори литсейи академии Хоразми Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Ўзбекистон

**Мирзаев Шахбоз Шавкатжонович** – қумондони взводи қисми ҳарбии Гвардияи миллии Ҷумҳурии Ўзбекистон

**Мухторов Илхом Мухторович** – сардори раёсати мониторинг ва баҳодиҳии хавфҳои Кумитаи давлатии гумруки Ҷумҳурии Ўзбекистон

**Раҳматов Баҳодир Эсиргапович** – муовини сардори раёсати ташкилии Раёсати корҳои дохилии вилояти Самарқанд

**Рахматов Мирзохид Холтураевич** – сардори қаровули гурўҳи қисми ҳарбии Вазорати мудофиаи Ҷумҳурии Ўзбекистон

**Рахмонов Нурзодбек Эргашбоевич** – қумондони сексияи қисми ҳарбии Вазорати мудофиаи Ҷумҳурии Ўзбекистон

**Салаев Хамза Аббазович** – сардори раёсати хидмати патруливу посгоҳӣ ва ҳифзи тартиботи ҷамъиятии Раёсати корҳои дохилии вилояти Ҷиззах

**Санаев Шухрат Музаффарович** – сардори шуъбаи тафтишоти ҷиноёти ниҳоят вазнини Прокуратураи ҳарбии Ҷумҳурии Ўзбекистон

**Саттаров Азизбек Тоирович** – қумондони баталони раёсати махсуси муҳандисиву сохтмонии Вазорати оид ба вазъиятҳои фавқулоддаи Ҷумҳурии Ўзбекистон

**Сулайманов Зафарбек Сахибҷонович** – қумондони шуъбаи баталони хидмати патруливу посгоҳии Раёсати корҳои дохилии вилояти Андиҷон

**Танимова Гоззал Мауленбергеновна** – афсари гурўҳи қисми ҳарбии Гвардияи миллии Ҷумҳурии Ўзбекистон

**Ташев Ҷасурбек Хакбердиевич** – муовини сардори раёсати хидмати патруливу посгоҳӣ ва ҳифзи тартиботи ҷамъиятии Раёсати корҳои дохилии вилояти Қашқадарё

**Тоҷибоев Диербек Еркинович** – сардори маркази Ситоди генералии Қувваҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Ўзбекистон

**Туев Исроил Исмоилович** – қумондони взводи қисми ҳарбии Вазорати мудофиаи Ҷумҳурии Ўзбекистон

**Убайдуллахуҷаева Ойдиной Хамидуллаевна** – мутахассиси маркази қисми ҳарбии Вазорати мудофиаи Ҷумҳурии Ўзбекистон

**Усманов Александр Раҳимович** – мутахассиси шуъбаи қисми ҳарбии Вазорати мудофиаи Ҷумҳурии Ўзбекистон

**Хайдаров Абдугаффор Мажидович** – сардори маркази раёсати фаврии Раёсати оид ба вазъиятҳои фавқулоддаи вилояти Намангони Вазорати оид ба вазъиятҳои фавқулоддаи Ҷумҳурии Ўзбекистон

**Халимов Эркин Халилович** – дотсенти кафедраи Омўзишгоҳи олии танкии қумондониву муҳандисии Чирчиқи Вазорати мудофиаи Ҷумҳурии Ўзбекистон

**Шарипов Алишер Абдунабиевич** – сардори шуъбаи қисми ҳарбии Вазорати мудофиаи Ҷумҳурии Ўзбекистон

**Элмуродов Бекзод Тоштемирович** – инструктор-наҷотдиҳандаи Раёсати оид ба вазъиятҳои фавқулоддаи вилояти Навоии Вазорати оид ба вазъиятҳои фавқулоддаи Ҷумҳурии Ўзбекистон

**Эшонкулов Одил Алламуратович** – инструктори калони Маркази тайёркунии мутахассисони хурди Қувваҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Ўзбекистон

**Юсупов Саидҷон Нематович** - муовини қумондони взводи қисми ҳарбии Вазорати мудофиаи Ҷумҳурии Ўзбекистон

**Президенти Ҷумҳурии Ўзбекистон**
**Ш. МИРЗИЁЕВ**

*Шаҳри ТОШКАНД,*
*10 январи соли 2020*

# ОЯНДАРО БО ҶАВОНОН БУНЁД МЕКУНЕМ

***27 декабри соли 2019 Президенти кишвари мо дар мактаби махсуси ба номи Муҳаммад ал-Хоразмии шаҳри Тошканд бо ҷавонон суҳбат кард. Дар он вобаста ба сиёсати ҷавонон як қатор ташаббусҳо пешниҳод гардида, дар назди мақомоти бонуфуз бинобар ҳаллу фасли мушкилоте, ки писарону духтаронро ба ташвиш меоваранд, вазифаҳо гузошта шуданд.***



Дар суҳбат роҳбари давлат таъкид сохт, ки «Мо ояндаи Ўзбекистонро якҷо бо ҷавонон бунёд менамоем. Соли 2020 дар сиёсати давлатии ҷавонон гардиши бузург хоҳад шуд».

Бо назардошти ин саъю кӯшишҳо барои толибилмони мактабҳои таълими ҳамагонӣ, коллеҷҳои касбӣ, донишҷӯёни мактабҳои олии вилояти Қашқадарё ба корхонаҳои истеҳсолӣ, фирмаҳои хориҷӣ, муассисаҳои таълимиву тиббии вилоят сафарҳо ташкил карда шуданд, ҳамчунин вохӯрии «Ҳоким ва ҷавонон» ба амал омад.

Ин чорабиниҳо бо он дорои аҳамият мебошанд, ки ба таъмин кардани иштироки фаъоли ҷавонон ба ислоҳоти васеъмиқёсе, ки дар кишвари мо амалӣ мешаванд, тарбияи насли комилу солим, ки дорои маънавияти баланд, афкори мустақилу озод мебошанд, илмҳои замонавиро аз худ кардаанд, нигаронида шудаанд.

450 нафар духтару писарони даъватшуда, ба 11 гурӯҳ тақсим гардида, аз шуъбаҳои бонки марказӣ ва бонкҳои тиҷоратӣ, Корхонаи коркарди гази Муборак, гармхонаҳо, сехҳои коркарди меваҷот, корхонаи муштараки «GTI», Маҷмӯи газу кимиёи Шӯртан, истгоҳи гармиву электрии Талимарҷон, корхонаи муштараки «LTI textile»-и ноҳияи Қаршӣ, корхонаи «Султонтекс», маркази кардиологӣ, Донишгоҳи давлатии Қаршӣ, Донишкадаи муҳандисиву иқтисодии Қаршӣ, муассисаҳои таълими томактабӣ боздид ба амал оварданд, бо шароите, ки дар он ҷойҳо фароҳам оварда шуда, ба ҷараёни корҳо мувофиқат мекунанд, шинос гардиданд.

– Ман дар курси сеюм бинобар самти молия таҳсил дорам, – мегӯяд донишҷӯйи Донишкадаи муҳандисиву иқтисодии Қаршӣ Моҳинур Равшанова. – Боздиди имрӯзаи мо аз бонки тиҷоратӣ боиси ғанӣ гаштани дониши ман аз соҳаи интихобкардаам шуд. Ман бо коркунони ҳар кадом шуъбаи бонк суҳбат намуда, ба саволҳое, ки бароям ҷолибанд ҷавоб гирифтам. Чунин вохӯриҳо барои донишҷӯёни хатмкунанда хеле муҳиманд.

Дар ҷараёни сафар ба донишҷӯёне, ки фаъоланд ва соҳаи худро хуб медонанд сертификатҳои роҳбарони ташкилотҳо супурда шуданд, ба шарофати ин сертификатҳо донишҷӯёни имрӯза баъди адои таҳсил метавонанд дар корхонаҳои мазкур кор кунанд.

Чунончи, дар мулоқоте, ки дар бахши минтақавии «Ҳамкорбонк»-и Қашқадарё ташкил гардид, донишҷӯйи Донишкадаи муҳандисиву иқтисодии Қаршӣ Шавкат Аминов сертификати махсуси роҳбари бонки мазкурро ба даст овард.

– Ман дар озмуне, ки бонк ташкил карда буд, иштирок кардам ва сертификат гирифтам, – мегӯяд Ш. Аминов. – Соли гузашта дар барномаи «Эрасмус плюс»-и Иттиҳоди Аврупо иштирок карда, дар Булғория бинобар соҳаи худ шаш моҳ таълим гирифтам. Донишҳое, ки дар хориҷа омӯхтам, боиси ғалабаи ман дар озмуни кунунӣ гардиданд. Сертификати гирифтаам имкон медиҳад пас аз хатми таҳсил корро дар бонки номбурда оғоз намоям. Ман аз ин хеле хурсандам.



Пас аз сафар вохӯрии иҷрокунандаи вазифаи ҳокими вилояти Қашқадарё З. Мирзоев бо ҷавонон дар шакли конфронси робитаи видеоӣ ба амал омад.

Ин мулоқотро донишҷӯёни қашқадарёӣ, ки дар муассисаҳои таълими олии шаҳри Тошканд ва вилояти Самарқанд меҳонанд, низ тамошо карданд.

Дар чорабинӣ роҳбарони тамоми ташкилоти давлатӣ ва ғайридавлатии вилоят, ҷавонон, ходимони расонаҳои ахбори оммавӣ иштирок карданд.

– Мақсади асосии вохӯрии имрӯза ҷалби ҷавонон ба ислоҳоти соҳаи иқтисодист, ки дар мамлакати мо татбиқ мешаванд, – гуфт З. Мирзоев. – Мо ният дорем ҷавонони фаъолеро, ки дархостҳои халқро аз хоҳиши худ болотар мегузоранд, бовиҷдон ва фидокоранд, ҷаҳонбинии васеъ доранд, эҷодкор мебошанд, дар вазъиятҳои мушкил қарори дуруст баровarда метавонанд, ба вазифаҳои роҳбарӣ таъин намоем. Ҳамчунин мо соҳибкорони ҷавонро дастгирӣ мекунем, дар ҳаллу фасли мушкилоти онҳо кӯмак мерасонем.

**У. БАРОТОВ,**
**хабарнигори ЎзА.**

***Дар сурат:*** *лавҳаҳо аз чорабинӣ.*

**Суратгир:**
**Ҷ. НОРҚОБИЛОВ (ЎзА).**

# РАФТИ ТАТБИҚИ ЛОИҲАҲОИ МУШТАРАК БО АМА ВА ҶОПОН БАРРАСӢ ГАРДИД

(Аввалаш дар саҳ.1).

Музокирот ва чорабиниҳо, ки дар муҳити самарабахши дӯстӣ ва амалӣ бо шарикони АМА ва Ҷопон гузаштанд, бори дигар муҳим будани минбаъд дастгирӣ намудани мулоқоти дараҷаи олиро собит намуд, ки дар таҳкими дӯстӣ ва боварии тарафайни байни мамлакатҳоямон омили муайянкунанда ба ҳисоб меравад.

Оид ба ҷамъбасти ташрифҳо силсилаи ҳуҷҷатҳои ҷиддии байниҳукуматӣ ва байниидоравӣ, инчунин созишнома дар соҳаҳои тиҷоративу иқтисодӣ ва сармоягузорӣ ба имзо расиданд. Инак, бо Аморати Муттаҳидаи Араб оид ба татбиқи лоиҳаҳои муштарак ба маблағи беш аз даҳ миллиард доллар, бо Ҷопон ба маблағи беш аз 6,6 миллиард доллар созишномаҳо ба даст омаданд.

Аз ҷумла, татбиқи лоиҳаҳои бузург дар соҳаҳои энергетика, рушди инфрасохторӣ, нафту газ, кимё ва саноати нафту кимё, мошинсозӣ, кишоварзӣ, саноати хӯрокворӣ, сайёҳӣ ва дигар самтҳо ба нақша гирифта шудааст.

Дар ҷамъомад таъкид гардид, ки созишномаҳо бо ширкатҳои АМА аллакай натиҷаҳои худро медиҳанд. Масалан, ширкати «Масдар» ба сохтмони неругоҳи барқии офтобӣ дар Ўзбекистон сад миллион доллар сармоя мегузорад. Моҳи октябри соли 2019 он оид ба ҷалб намудани сармоя ба шарикии давлативу хусусӣ дар энергетикаи офтобӣ дар тендери кушоди дар таърихи мамлакатамон аввалин ғолиб эълон гардид. Оғози корҳои сохтмонӣ дар семоҳаи аввали соли 2020 ба нақша гирифта шудааст.

Ин гуна натиҷаҳо дар бисёр дигар лоиҳаҳо бо иштироки ҳам АМА, ҳам Ҷопон ба мушоҳида мерасанд.

Хусусан бо иштироки ҷониби АМА фонди сармоягузории «The Abu Dhabi Uzbek Fund» бо сармоя ба маблағи 1 миллиард доллар таъсис дода шуд. Имрӯз аз ҳисоби маблағи фонди мазкур бо маблағ таъмин намудани лоиҳаҳои хурд ва миёна, инчунин сохтмони меҳмонхона дар Самарқанд, хусусигардонии меҳмонхонаи Hyatt Regency Tashkent маъқул дониста шуд.

Бо ҷалб намудани маблағҳои Агентии ҳамкории байналхалқии Ҷопон (JICA) лоиҳа оид ба сохтмон ва муҷаҳҳаз гардондани маркази тиббии илмиву амалии махсуси ҷумҳуриявии неврология ва инсулт татбиқ карда мешавад.

Вазорати оид ба рушди технологияҳои ахбор ва коммуникатсияи Ўзбекистон аз ҳисоби маблағи вомии Бонки ҳамкории байналхалқии Ҷопон (JBIC, The Japan Bank for International Cooperation) ҷалб намудани 180 миллион долларро барои татбиқи лоиҳаҳои «Созмон додани марказҳои нигоҳдорӣ ва коркарди маълумотҳо (марказ-маълумотҳо)», «Васеъ гардондани марказҳои байналхалқии коммутатсияи пакетдор», «Васеъ гардондани шабакаи телекоммуникатсионии нақлиётӣ ва шабакаи додани маълумот», «Навсозии радиошабакаҳо» ба нақша гирифтааст.

Баробари ин мутахассиси ҷопонӣ Эсуаки Ёшида фаъолияташро дар Вазорати оид ба рушди технологияҳои ахбор ва коммуникатсияи Ўзбекистон ба сифати мушовири вазир оғоз намуд. Ў бо масъалаҳои ҷалб намудани сармояҳои хориҷӣ ва хатҳои байналхалқии вомӣ барои татбиқи Барномаи навсозӣ, азнавҷиҳозонии техникӣ ва технологии корхонаҳои технологияҳои ахбор шуғл хоҳад варзид. Дар Сафоратхонаи Ҷумҳурии Ўзбекистон дар Ҷопон вазифаҳои мушовир-вакил оид ба масъалаҳои таълим, илм ва инноватсияҳо, инчунин мушовир оид ба кор бо тиҷорати хусусӣ ҷорӣ карда шуданд.

Президент Шавкат Мирзиёев дар ҷамъомад зарурати пурра ва хушсифат иҷро намудани чорабиниҳои мувофиқи «харитаи роҳ» дар соли 2020 муайяншуда, ки аз рӯи натиҷаҳои ташрифҳо таҳия шудаанд, таъкид намуд.

Ба татбиқи саривақтӣ ва хушсифати лоиҳаҳо, ки ба беҳтар гардондани сифати ҳаёти аҳолӣ ва рушди босуръати соҳибкорӣ дар мамлакатамон мусоидат менамоянд, эътибори алоҳида дода шуд.

Бино бар масъалаҳои дар ҷамъомад баррасигардида ҳисоботи роҳбарияти Вазорати сармоя ва савдои хориҷӣ шунида шуда, чораҳои дақиқ муайян гардиданд.

Дар рафти чорабинӣ инчунин оид ба васеъ гардондани бомаблағтаъминкунии пеш аз содиротӣ, такмил додани муҳити сармоягузорӣ, амалӣ гардондани муносибати мақсаднок ба ҷалби сармояҳои бевоситаи хориҷӣ дар соҳаи истеҳсолоти саноатӣ ва лоиҳаҳои пешомаднок баррасӣ гардида, пешниҳодҳо таҳия шуданд.

**ЎзА.**

# ВАЗИФАҲОИ ОИД БА РУШДИ ЭНЕРГЕТИКАИ ЭЛЕКТРӢ ДАР СОЛИ 2020-УМ БАРРАСӢ ШУДАНД

(Аввалаш дар саҳ.1).

Пешбинӣ мегардад, ки дар соли равон ҳаҷми истеъмоли энергияи электрӣ 71 миллиард киловатт – соатро ташкил ҳоҳад дод, ки нисбати соли гузашта нуҳ фоиз бештар мебошад. Талаботи соҳаҳои иқтисодиёт, тавре ки чашм дошта мешавад, даҳ фоиз, аҳолӣ бошад, 8,5 фоиз зиёд мегардад.

Дар машварат чораҳои таъмин кардани ин талабот, ҳамчунин татбиқ сохтани «харитаи амалиёт»-и дахлдор, ки якҷо бо Бонки умумиҷаҳонӣ ва Бонки рушди осиёӣ андешида шудааст, муҳокима гардиданд.

Президент зарурияти иҷрои пурра ва босифати чораҳои барои соли 2020-ум бинобар истеҳсол, тақсим кардан ва расонда додани энергияи электрӣ муайяншударо таъкид кард.

Пешбинӣ мегардад, ки дар соли равон иқтидорҳои иловагӣ дар ҳаҷми 1177 мегаватт дар энергетикаи гармӣ ва 120 мегаватт дар гидроэнергетика татбиқ мешаванд. Баробари ин лоиҳаҳо бо ҷалби сармояҳои бевоситаи хориҷӣ, ки сохтмони дастгоҳҳои газу буғиро бо иқтидори 3,5 ҳазор мегаватт, истгоҳҳои бодии электриро бо 400 мегаватт ва истгоҳҳои офтобии электриро бо чунин иқтидор пешбинӣ менамоянд, ташаккул дода шуданд.

Дар машварат ҳамчунин ба таъмин кардани даромад дар корхонаҳои соҳа, аз байн бардоштани қарздорӣ барои истеъмоли энергия эътибори махсус дода шуд. Натиҷаҳои қаноатбахши ҷорӣ кардани низоми автоматикии назорат ва ҳисобу китоби истеъмоли электр қайд гардид, ба ҷамъияти саҳҳомии «Шабакаҳои ҳудудии электрӣ» супурда шуд, ки то охири сол боз 4,5 миллион адад ҳисобкунакҳои замонавиро устувор кунад.

Роҳбари давлат ба масъалаҳои коҳиш додани талафот ҳангоми истеҳсол, тақсимкунӣ ва расонда додани энергияи электрӣ эътибори махсус ва ба шахсони масъул супоришҳои муҳим дод.

Таъкид гардид, ки дар давраи минбаъдаи ислоҳот, ки дар соҳа татбиқ мешаванд, бояд бозори рақобатбардори умумии энергияи электрӣ ташаккул дода шавад, сармоягузорон ба ҷараёни генератсия дар пояи шарикии давлативу хусусӣ ва давра ба давра коҳиш додани иштироки давлат дар соҳа ҷалб карда шаванд.

Ҳамчунин пешомадҳои дарозмуҳлати рушди соҳа муҳокима гардиданд.

Ҳисобу китобҳо нишон медиҳанд, ки дар соли 2030-юм истеъмоли энергияи электр аз дараҷаи кунунӣ ду баробар зиёд мегардад. Бинобар ин ба Вазорати энергетика бобати ба истифода супурдани истгоҳҳои нави гармиву электрии иқтидори умумиашон дар даҳ соли минбаъда 7,9 ҳазор мегаватт супоришҳо дода шуданд.

Вазифаҳо бинобар сохтмони истгоҳҳои офтобӣ ва бодии электрии иқтидори умумиашон ҳашт ҳазор мегаватт бо ҷалби сармоягузорон ва то ба 1935 мегаватт расондани иқтидори истгоҳҳои гидроэлектрӣ, ба сектори хусусӣ додани супоришҳо барои сохтмони истгоҳҳои хурди гидроэлектрӣ мушаххас карда шуданд.

Ба ташкилотҳои масъул супурда шуд, ки якҷо бо Вазорати маълумоти олӣ ва миёнаи махсус барномаи панҷсолаи тайёр кардани мутахассисони зинаҳои миёна ва поёниро, ки қодир бошанд бо технологияҳои замонавии соҳаи энергетикаи электрӣ кор кунанд, кор карда бароянд.

Бинобар масъалаҳои дар машварат муҳокима гардида ҳисоботи роҳбарони корхонаҳои соҳавӣ шунида ва чораҳои мушаххас муайян карда шуданд.

**ЎзА.**

# ТАРАННУМИ ВАЗИФАИ МУҚАДДАС ДАР НАЗДИ ВАТАН

(Аввалаш дар саҳ.1).

Номаи табрикии Президенти Ҷумҳурии Ўзбекистон, Сарфармондеҳи Олии Қувваҳои Мусаллаҳ Шавкат Мирзиёевро ба муносибати 28-умин солгарди ташкилёбии Қувваҳои Мусаллаҳ ва Рӯзи муҳофизони Ватан вазири мудофиа Б. Қурбонов хонда медиҳад.

Дар мамлакат барои мустаҳкам кардани салоҳияти ҷанговарии артиши миллӣ, бо яроқу аслиҳа ва техникаҳои замонавӣ таъмин кардани он, баланд бардоштани тайёрии ҷисмонӣ ва зеҳнии хидматчиёни ҳарбӣ ислоҳоти азим амалӣ мешаванд. Қисмҳои ҳарбӣ ва пойгоҳи моддиву техникии шуъбаҳо мустаҳкам мегарданд. Барои бо хонаву манзил таъмин кардани хидматчиёни ҳарбӣ, дастгирӣ намудани аъзои оилаи онҳо шароитҳои хуб фароҳам меоянд.

Корҳо бобати бо рӯҳи ватанпарварӣ тарбия намудани ҷавонон, таъмин кардани ягонагии артиш ва халқ, баланд бардоштани нақши мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ба дараҷаи сифатан нав бардошта шуданд. Ба мақсади дар қалби насли ҷавон ташаккул додани эҳсоси баланди масъулиятшиносӣ, мустаҳкам намудани мавқеи ҳаётӣ ва тарбияи ватанпарварӣ аз нуқтаи назари моҳият низоми нодир фароҳам оварда шуда, дар доираи он табақаҳои васеи аҳолии мамлакат ҷалб гардиданд.

Дар натиҷаи амалӣ гардидани саъю харакатҳо, ҳамкории фаъоли артиш ва халқ Қувваҳои Мусаллаҳи мо ба маънии пурраи сухан ба қисми ҷудонопазири ҷамъият, кафолати пойдории мамлакат ва тараққиёти мӯътамади он, идораи муҳими дар рӯҳи ватандӯстӣ тарбия кардани ҷавонон ва хидматчиёни ҳарбӣ табдил меёбад.

– Номаи табрикии роҳбари давлат ба муносибати ҷашн қалбҳои моро аз эҳсоси ифтихору ҳаяҷон саршор сохт, – мегӯяд командири қисми ҳарбии Вазорати мудофиаи Ҷумҳурии Ўзбекистон, подполковник Раҳматулло Раҳмонов. – Аз он сипосгузорам, ки ба хидматам баҳои баланд дода, маро бо ордени «Мардлик» мукофотониданд. Минбаъд низ барои ҳифзи хоки муқаддаси кишварамон аз таҳти дил саъй менамоям. Аз комёбиҳои ман, пеш аз ҳама оилаам, хешу ақрабо ва ҳамкасбонам хушнуданд.

Дар консерти мутантан комёбиҳои варзишгарони ҳарбиамон дар мусобиқаҳои байналхалқӣ, натиҷаҳои баланди ба даст овардаи онҳо эътироф карда шуданд. Ҷавонон аз «Тузукоти темурӣ»-и ниёи бузургамон Соҳибқирон Амир Темур иқтибосҳои ибратбахшро изҳор доштанд.

Барномаи ҷамоаҳои оркестри ҳарбии таркиби Қувваҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Ўзбекистон, устодони санъат ва иҷрогарони ҷавон, дастаҳои бадеии соҳаи ҳарбӣ ва ҳаваскорон писанди хотири ҷамъомадагон гардид.

**Абдулазиз МУСАЕВ, хабарнигори ЎзА.**
**Суратгир: А. АБДУЛЛОЕВ (ЎзА).**

# БУЗУРГОН ДАР БОРАИ ВАТАН ВА ВАТАНПАРВАРӢ

Ватанпарварӣ маънои танҳо ба Ватан меҳр монданро надорад. Он як ҳисси бузург аст. Ин маънои онро дорад, ки худро як ҷузъи Ватан донӣ, дар рӯзҳои неку бадаш бо он бошӣ.

**А. ТОЛСТОЙ**

***

Инсон пеш аз ҳама фарзанди мамлакати худ аст, шаҳрвандест, ки манфиатҳои мамлакати худро дар дилаш ҷойгир кардааст.

***

Саховати беандоза аз муҳаббат ба Ватан сарчашма мегирад.

**Ж. РУССО**

***

Ғояи Ватан дар тӯли солу рӯзҳо бояд барои фарзандон азиз бошад, танҳо онҳое, ки ин ғояро чуқур ҳис кардаанд, ҳақ доранд, ки худро шаҳрванди он ҳисобанд.

**М. САЛТИКОВ-ШЕДРИН**

***

Қарзи инсон дар назди Ватан муқаддас аст.

**В. СУХОМЛИНСКИЙ**

***

Барои Ватан кори нимкора кардан маънои ба он ҳеч коре накарданро дорад.

**М. РОБЕСПЕР**

***

Ватанпарварии олӣ ҷоннисорӣ дар роҳи фаровонии Ватан мебошад.

**Н. ЧЕРНИШЕВСКИЙ**

***

Ватанпарвар инсонест, ки барои Ватан хизмат мекунад, Ватан бошад, пеш аз ҳама халқ мебошад.

**Н. А. НЕКРАСОВ**

***

Барои мо падару модар, фарзанд, хешону наздикон азизанд, вале ҳамаи тасаввуротамон дар боби меҳру муҳаббат дар як калима – Ватан муҷассам аст. Агар ба Ватан нафъаш мерасида бошад, барои он кадом инсони бовиҷдон ҷон фидо кардан намехоҳад.

**СИТСЕРОН**

***

Ҷасорати ҳақиқии халқҳои бомаърифат дар ҷонфидоии онҳо ба Ватан намоён мегардад.

**Г. ГЕГЕЛ**

***

Дар берун аз Ватан бахт вуҷуд надорад, бигузор, ҳар кас дар сарзамин худ реша давонад.

**И. ТУРГЕНЕВ**

***

Кишвари бегона Ватан шуда наметавонад.

**И. ГЁТЕ.**

***

Худатро ба Ватан ҳар қадар наздик гирӣ, онро ҳамон қадар бештар дӯст медорӣ.

**А. БЛОК**

***

Дар қалби ҳар инсон қиёфаи халқи худаш зиндагӣ мекунад.

**Г. ФРЕЙТАГ**

***

Ҳар кас кишвари худро дӯст надорад, ҳеч чизро дӯст дошта наметавонад.

**Ҷ. БАЙРОН**

***

Ҳар кас аз Ватани худ рӯ гардонад, аз виҷдони худ низ рӯ мегардонад.

**Я. ГАЛАН**

***

Ватани худро доғдор кардан маънои фурӯхтани онро дорад.

**В. ГЮГО**

***

Ҷинояте ҳаст, онро наметавон бахшид, он хиёнат ба Ватан аст.

**П. БАУСТ**

Таҳияи **Б.САОДАТ.**

## Хабарҳо

### Мулоқоти ҳоким бо ҷавонони ноҳияи Фарғона

Дар ноҳияи Фарғона асосан ўзбекону тоҷикон умр ба сар мебаранд. Бинобар татбиқи ислоҳот дар ҷанбаҳои гуногун пешравиҳо ба назар расида, чӣ маркази ноҳия ва чӣ деҳоти гирду атрофи он торафт ободу зебо мегардад. Ҳокими вилоят бо ҷавонони ин ноҳия мулоқоти кушод орост ва дар доираи вохӯрӣ маросими тақдиронидани ҷавононе сурат гирифт, ки дар ҳар ҷабҳа фаъолнокӣ зоҳир менамоянд. Роҳбари вилоят ваъда дод, ки рӯзҳои наздик барои фаъолон ду автомобили сабукрав туҳфа менамояд. Дархости онҳое, ки ба аробачаҳои ногиронӣ, мошинҳои дарздӯзӣ ва ҳоказо ниёз доранд, дар ҷойи вохӯрӣ қонеъ гардонда шуд.

### Кохи фарҳанг дар Шоҳимардон

Яке аз деҳаҳои обод ва хушбоду ҳавои ноҳияи Фарғона, ки дар бағали кӯҳҳои баланд, дар иҳотаи Ҷумҳурии Қирғизистон воқеъ аст, деҳаи Шоҳимардон мебошад. Ба наздикӣ дар ин ҷо маросими кушоиши боз як иншооти замонавӣ – Кохи фарҳанг баргузор шуд. Дар чорабинӣ кормандони масъули ҳокимияти вилоят, намояндагони адабиёт ва санъат, собиқадорони меҳнат, ки дар равнақи иқтисодию иҷтимоии ноҳияи Фарғона саҳм гирифтаанд, иштирок намуданд. Кохи фарҳанг дуошёна буда, барои дар ин ҷо ташкил намудани маҳфилҳои гуногун, вохӯрӣ бо аҳли илму адаб ва санъат, тарбияи ҳарҷонибаи истеъдодҳо кулли шароит фароҳаманд. Ба истифода супурда шудани иншооти нав туҳфаи хуби солинавӣ ба шоҳимардониён гардид, таъкид намуданд иштирокдорон. Дар ин деҳа 6,5 ҳазор нафар аҳолӣ истиқомат мекунад.

### Ёдбуди Ойбек

Ба рӯзи таваллуди Мӯсо Тошмуҳаммад Ойбек 115-сол пур гашт. Ба ин муносибат бо ташаббуси Иттиҳоди навиcандагони Ўзбекистон дар хона-музейи адиб воқеъ дар пойтахт чорабинии фарҳангӣ доир карда шуд. Таъкид ёфт Ойбек нафақат шоир ва нависанда, балки арбоби намоёни давлатию ҷамъиятӣ ба шумор мерафт. Чун олими адабиётшинос ва публисист низ фаъолияти ў барои мо намунаи ибрат. Романи шеърии Пушкин «Евгений Онегин», «Маскарад»-и Лермонтов ва дигар осори адибони русу ҷаҳонро бо маҳорати том ба ўзбекӣ баргардондааст. Қабл аз он ки романи «Навоӣ»-ро таълиф созад, ба ҳаёт ва фаъолияти Навоӣ аз наздик ошно гашт, вазъи сиёсӣ, адабию фарҳангии давреро, ки ў ба сар бурда, ба амиқӣ омӯхт. Ва ниҳоят асаре офарид ба ном ва зиндагиномаю фаъолияти илмию адабии Навоии бузургвор ҳарҷониба муносиб, таъкид сохтанд баромадкунандагон.

### Вазифаҳои муҳими забоншиносон

Аз ҷониби Департаменти рушди забони давлатии назди Девони Вазирони Ҷумҳурии Ўзбекистон дар Донишгоҳи давлатии забон ва адабиёти ўзбеки Тошканд ба номи Навоӣ суҳбати даврӣ баргузор ва дар он муҳимтарин вазифаҳое, ки аз Фармони Президенти Ҷумҳурии Ўзбекистон дар бораи чораҳои баланд бардоштани нуфуз ва мавқеи забони ўзбекӣ ба сифати забони давлатӣ бармеоянд, мавриди муҳокима қарор дода шуданд.

Таъкид ёфт, тӯли бештар аз ду моҳе, ки сипарӣ гашт, бобати воқеан давлатӣ қарор гирифтани забони ўзбекӣ, дар ҳаёти иҷтимоии халқи мо, ҳамчунин миқёси байналхалқӣ барои баланд бардоштани нуфуз ва обрӯ, аниқ сохтани ҳолатҳои ногуворе, ки ба вайрон шудани меъёрҳои он меоваранд, дар коргузорӣ ҷалб намудани хидматчиёни давлатӣ ба омӯзиши амиқи сохт ва асосҳои забони мазкур як қатор корҳо ба амал баровarда шуданд. Вале бисёр корҳое, ки иҷрояшон ҳатмист, ҳанӯз дар пешанд. Тадқиқи забоншиносӣ дар асоси лингвистикаи миллӣ дар рӯзнома истодааст. Алъон осори назарӣ аз ҷониби муҳаққиқон баҳри офаридани корпуси миллии забони ўзбекӣ ба вуҷуд оварда мешавад.

Дар суҳбати даврӣ оиди лоиҳаи Консепсияи такмили сиёсати забон ва рушди он дар давоми солҳои 2020-2030 низ мулоҳизаҳо баён карда шуданд.

**М. ШОДИЕВ,**
**мухбири «Овози тоҷик».**

# ТААССУРОТИ САФАРИ ҚАРШӢ ХЕЛЕ ХОТИРМОН АСТ

***Чанде қабл иттифоқ афтод, ки дар ҳайати як гурӯҳи аҳли фарҳанг ба вилояти Қашқадарё сафар кунем. Ин сафар бо ибтикори Маркази маънавият ва маърифати ҷумҳурӣ ва ҳокимияти вилояти Қашқадарё сурат гирифт. Эътироф мекунам, ки тӯли 15 соли охир ба ин вилоят сафар накардаам. Барои ҳамин то расидан ба шаҳри Қаршӣ – маркази маъмурии ин вилоят, ки сафарамон тавассути қатораи тезгарди "Афросиёб" сурат мегирифт, ҳар чӣ сари роҳ аст, аз тирезаи он тамошокунон мерафтам.***

Дарвоқеъ, мо чанд шаҳраку рустоҳоро мегузаштем. Ҳувайдо буд, ки ин вилоят низ дар давраи истиқлолияти кишвар хеле рушду ривоҷ кардааст. Аввалин дигаргуние, ки ба чашм мехӯрд, зебову пуртароват шудани шаҳри Қаршӣ буд. Иморатҳои маъмуриву истиқоматии баландошёна ва бошукӯҳ, роҳҳои васеъ ва ҳамвор, бозорҳои аз маҳсулоти кишоварзиву саноатӣ лабрез, зиндагии фаровон ва амсоли он аз он далолат медоданд, ки дар ин вилоят ислоҳоти доманфароху сарнавиштсоз ва бозсозиҳои муҳим беш аз пеш татбиқ мегарданд.

Вақте ки мошини мо аз болои пули рӯди Қашқадарё мегузашт, роҳбаладамон устоди факултаи технологии Донишгоҳи давлатии Қаршӣ Шаҳриёр Аҳмедов гуфт, ки мо бояд шомгоҳон ба ин ҷо биёем ва бубинем, ки ин пул чӣ гуна ба шаҳр ҷилои аҷиб мебахшад.

– Шояд огоҳ бошед, ки сохтани пули хиштин дар Осиёи Миёна муқаддимаи дуру дароз дорад. Ҳанӯз дар асрҳои миёна чунин тарзи пулсозӣ боз ҳам такомул ёфтааст. Он яке аз пулҳои калонтарини болои ин рӯд мебошад, ки рӯи дувоздаҳ сутуни мустаҳками хиштин истодааст. Дарозии он 122 метрро ташкил мекунад ва арзаш беш аз 8 метр мебошад. Дар баландии наздик панҷуним метр аз сатҳи дарё сохта шудааст. Соли 1944 ба далели васеъ шудани дарё онро дубора бозсозӣ кардаанд, – гуфт Шаҳриёр Аҳмедов.

Вай афзуд, ки сохтмони пули болои рӯдро ба Абдуллохони II мутааллиқ медонанд ва ин ривоят дар байни мардум паҳн шудааст.

Аввалин чорабинии фарҳангӣ, ки аъзои гурӯҳи мо дар он ба ҳайси меҳмон ширкат карданд, аз рӯи панҷ ташаббуси Президент тақдими мукофотҳо ба ғолибони озмуне буд, ки аз рӯи китобхонӣ гузаронда шудааст.

– Дар ин озмун ду ҳазор муассисаи давлативу хусусӣ ширкат карданд. Мусаллам буд, ки муносибати одамон нисбат ба китобу китобхонӣ ва фарҳанги мутолиа хеле тағйир ёфтааст. Ташкилоту муассисаҳо ва сокинони вилоятамон соли равон 350 ҳазор адад китоб харидорӣ намуданд. Ин аз боло рафтани маънавияти мардум шаҳодат медиҳад, – гуфт ҳокими вилоят Зоир Мирзоев.

Вай илова кард, ки ин ҳанӯз поёни кор нест. Чунки китоб ба ҳар як хонадон бояд роҳ ёбад ва аъзои он машғули мутолиаи китоб шаванд. Тибқи таъкиди Зоир Мирзоев наметавон гуфт, ки дар ин як-ду соли охир вилояти Қашқадарё ҷиҳати тарғиби китобу китобхонӣ ба пешрафтҳои зиёд ноил гаштааст.

– Агар меҳри калонсолон ба китоб афзоиш ёбад, ҷавонон низ аз он ибрат мегиранд ва бештар китоб мехонанд, – изҳор кард Зоир Мирзоев.

Баъд маросими мукофотсупорӣ баргузор гардид. Дар ин замина якчанд шуъбаҳои таълими халқи вилоят барои ширкати фаъолонаашон бо мукофотҳои зиёди пулӣ сарфароз гардиданд. Ҷои аз ҳама ифтихорӣ ва калиди мошини русуми "Кобалт" насиби шуъбаи таълими халқи ноҳияи Косон гардид.

Навгонии дигар ба роҳ монда шудани ҳамкориҳо миёни Донишгоҳи давлатии Қаршӣ ва Донишгоҳи давлатии Белгороди Федератсияи Русия буд. Ин ду донишгоҳ тасмим гирифтаанд, ки як маркази муштарак таъсис диҳанд. Ҳоло бо татбиқи як лоиҳа дар шаҳри Қаршӣ маркази муштараки таълим арзи вуҷуд намудааст. Он дорои панҷ хонаи омӯзишӣ ва як хонаи муаллимон мебошад. Дар ин маскани маърифат забонҳо мавриди омӯзиш қарор гирифтаанд.

– Бунёди ин маркази муштараки таълим имкон медиҳад, ки мо забони русиро хубу пухта аз устодон ёд гирем. Барои ин дар синфхонаҳои марказ тамоми шароит фароҳам оварда шудааст. Китобҳои таълимӣ, луғатҳо, воситаҳои аёнӣ маводи аудиоӣ ва видеоӣ ва амсоли он дар ихтиёри мо қарор доранд, – мегӯяд Шаҳноза Муҳаммадҷоноваи қаршигӣ.

Гуфта мешавад, ки дар маркази муштараки таълим ҳар фард метавонад бо фарҳанг ва адабиёти рус ошно шавад. Дар ин ҷо барои такмили ихтисоси муаллимони забони русӣ курсҳои онлайн ташкил карда шудаанд, ки бидуни равуо кас метавонад забон омӯзад ва аз муаллим сабақ гирад.

Интизор меравад, ки ин ду донишгоҳ ҳамкориҳои худро тавсеа мебахшанд. Ректорони ду донишгоҳ Б.Шоимқулов ва О. Попухин дар бораи вусъат додани ҳамкориҳо вориди гуфтушунид мебошанд. Дар натиҷа як санад ба имзо хоҳад расид, ки таълими томактабӣ ва синфҳои ибтидоиро фаро хоҳад гирифт.

Вилояти Қашқадарё аз вилоятҳое маҳсуб меёбад, ки имконият ва салоҳиятҳои бештарро дорост. Ба гуфтаи ҳамсуҳбатони мо обод шудани шаҳру деҳот, фаровонии ҳаёт ва фароҳам оварда шудани ҷойҳои нави кор такмил меёбанд, аммо ҳанӯз дар ин росто камбудиҳо ва мушкилоту муаммоҳо бартараф нашудаанд.

– Фарзандони аҳолии баъзе рустоҳо барои дарсхонӣ ба деҳаҳои дигар мераванд. Гузашта аз ин, набудани бунгоҳҳои тиббӣ, нуқтаҳои маишӣ, ҳамвор нашудани роҳҳо аз ҳамин гуна муаммоҳо мебошанд, – мегӯяд сокини солхӯрдаи вилоят Бобо Назаров.

Шояд муштариёни "Овози тоҷик" дар ёд доранд, ки мо бонги изтироби сокинони деҳаи Дуоба ва Мингкӯчари ноҳияи Шаҳрисабзро чоп карда будем. Дар он муаллиф Гулноза Хушназарова навишта буд, ки деҳаҳои Дуоба ва Мингкӯчари ҷамоати шаҳрвандони Ҳисораки ноҳияи Шаҳрисабз аз дусад хоҷагӣ иборат мебошад. Сокинони он асосан, аз мардуми тоҷиктабор иборатанд. Ба ин деҳот аз ҷойҳои дигар чанд нафар арӯси ӯзбектабор фаровардаанд, ки бо гузашти айём забони онҳо низ тоҷикӣ шудааст.

Гулноза Хушназарова дар ноҳияи Яккабоғ зодаву парварда шудааст ва миллаташ ӯзбек мебошад. Ба гуфтаи ӯ сӣ сол мукаддам ба як ҷавони маҳаллаи Дуоба ба шавҳар баромадааст ва то кунун бо аъзои хонаводааш дар ин маҳалла зиндагӣ мекунад. Вай дар мактубаш, ки 54 нафар сокинони ду маҳалла – Дуоба ва Мингкӯчари ҷамоати Ҳисорак имзо кардаанд, таъкид карда буд, ки сокинони ин ду маҳалла муддати дуру дароз аз набудани роҳ барои ҳаракати нақлиёт азоб мекашанд.

Пас, мақомоти ҳокимияти маҳаллиро лозим аст, ки ба масъалаҳои иҷтимоӣ низ таваҷҷӯҳ кунанд ва дар ҳаллу фасли мушкилоти мардум чораҷӯӣ намоянд.

Зимни ҳамон сафар дар баробари масъалаҳои дигар ба масъалаи обунаи "Овози тоҷик" низ хостам мақомоти роҳбарии вилояти Қашқадарё мутаваҷҷеҳ бошанд. Қабл аз оғози чорабиние, ки дар он ширкат мекардем, бо вуҷуди камии вақт бо Зоир Мирзоев перомуни обуна суҳбати кӯтоҳе анҷом додам.

Вай гуфт, ки ин рӯзномаро мардуми вилояти Қашқадарё низ мутолиа мекунанд.

Ногуфта намонад, ки вилояти Қашқадарё аз вилоятҳои собиқадортарини ҷумҳуриамон мебошад. Дар он 13 ноҳия, 12 шаҳр ва 4 шаҳрак мавҷуд аст. Аҳолии он ҳудуди се миллион нафарро ташкил мекунад. Теъдоди тоҷиктаброни он дар шаҳру ноҳияҳо хеле зиёд аст.

**Мирасрор АҲРОРОВ,**
**мухбири "Овози тоҷик".**
*Шаҳри ҚАРШӢ.*

***Ҳақ ба ҷониби равоншинос ва педагоги машҳури рус А.Ушинский, ки хеле зебо менигорад:***

***"Муаллим то он даме зиндааст, ки меомӯзад, чун аз омӯзиш бозмонд, симои муаллимии худро гум мекунад". Ё айнан педагоги дигари рус Ю. Добролюбов заҳмати устоду омӯзгорро дар тарбияи кӯдак хеле соҳирона ба қалам додааст. Вай менависад: "Кӯдак оинаест, дар ғояти хирагӣ ва фақат муаллим метавонад, бо заҳмати зиёду бардавом ин оинаи басе нозукро сайқал бидиҳад". Ва ин қабил гуфтаҳоро дар ҳаққи заҳмати устоду муаллим бисёр овардан мумкин аст. Аммо муроди мо аз ин навиштаҳо чизи дигар аст.***

# КАСБИ ПУРШАРАФ

30-сентябри соли гузашта аз ҷониби Девони Вазирон иловаи якум доир ба низоми нави маблағҳое, ки аз тарафи хазинаи директори мактаб ҷиҳати рағбатнок кардани ходимони соҳаи таълим бароварда шуд, хайрхоҳӣ ва эътибори ҷиддии давлат нисбати барандагони ин касби бошараф хондан мумкин аст. Гузашта аз ин, дар арафаи "Иди омӯзгорон" бо мукофотҳои давлатӣ эътироф гардидани омӯзгорон далели гуфтаҳои болост. Имрӯзҳо барои омӯзгорону дастпарварон омода кардани шароитҳои хуби таълимӣ ба ҳукми анъана даромадааст.

Ҳама ғамхорӣ ва хайрхоҳӣ ба камоли фардои шогирдон нигаронда шудааст.

Дар ҳақиқат, камоли шогирдро дидан бахти устод аст.

Инак, камина зиёда аз 20-сол собиқаи корӣ дорам. Аз фанни математика дарс медиҳам. Шогирдони зиёд тарбия кардаам, ки дар соҳаҳои гуногун дар гӯшаву канори ҷумҳурӣ фаъолият доранд.

Айни замон мехоҳам баъзе аз мушкилиҳои соҳаро бигӯям.

Оё аз фанни математика тестҳои аслӣ ва ё аққалан тарҷимаи онҳо дастрас мешавад? Шогирдони мо аз ин ҷиҳат дар озмунҳои "Баҳси донишҳо" ва олимпиадаҳои марҳилавӣ иштирок карда наметавонанд. Аслан, ин вазифа ба дӯши кист? Ба зиммаи омӯзгорон, ё мутахассисони касбӣ, ё Маркази тести ҷумҳурӣ ва ё Маркази таълими ҷумҳурӣ? Фаразан, агар ба омӯзгорон тааллуқ доша бошад, боварӣ дорам, тамоми муаллимони математика ҳозиранд, ки ин амали хайрро дар якҷоягӣ ташкил кунанд. Лоақал тарҷимаи онҳо ҳам дастрас мешуд, хеле хуб мешуд.

Дигар, нарасидани дастурҳои методии таълимии соҳавӣ.

Оё имкон дорад, ки аққалан бо воситаи рӯзнома дар ҳамкорӣ бо омӯзгорон ва мутахассисони соҳа расондани тестҳои соҳаи математика ба роҳ монда шавад.

Ин ду-се талабе, ки пеш гузоштам, хӯшае аз хирмананд. Мехостам, самараи кори муаллимони математикаро бинам. Аминам, ки аз бурдборӣ ва муваффақияти шогирдони соҳаи худ завқ гирифтан боиси рӯҳбаландии ҳар якеи мо, омӯзгорон мегардад.

**Амонкул ЗАВҚИЕВ,**
**мактаби рақами 21, ноҳияи Нурато.**

# БЕМОРХОНАИ НАВ БА ИСТИФОДА СУПУРДА ШУД




Дар чорабиние, ки ба ин муносибат баргузор гардид, кормандони масъули Вазорати мудофиа,хидматчиёни ҳарбии мустафъӣ, духтурони ҳарбӣ, намояндагони ҷомеаи васеъ иштирок карданд.

Таъкид шуд, ки ба шарофати ислоҳоти дар низоми нигаҳдории тандурустии мамлакат татбиқшудаистода, пойгоҳи моддиву техникии муассисаҳои табобатӣ мустаҳкам мешаванд, инкишоф додани тибби ҳарбӣ, пешниҳод кардани хидматҳои босифати тиббӣ ба муҳофизони Ватан бошад, аз ҷумлаи вазифаҳои аввалиндараҷа ба шумор мераванд.

Дар беморхонаи нав таҳлилҳои лабораторӣ гузаронида, шуъбаҳои касалиҳои сирояткунанда, инфексияҳои ҳавоиву қатравӣ амал мекунанд, бобати табобати бемориҳои пӯст хидмат расонда мешавад. Таъмири умумӣ дар бинои мазкур ҳафт моҳ муқаддам оғоз ёфта буд. Акнун шуъбаи бемориҳои сирояткунанда, ки бо беш аз 17 миллиард сӯм маблағ бунёд гардид, метавонад танҳо дар як ошёнаи худ 225 беморонро қабул карда, давоҳои зарурӣ диҳад. Тамоми хонаҳо бо таҷҳизоти замонавии тиббӣ муҷаҳҳаз шудаанд.

– Дар ин ҷо духтурону соҳибихтисоси ҳарбӣ кор мекунанд, – мегӯяд сардори Госпетали марказии ҳарбӣ полковник Худойқул Раҳимов. – Бовар дорем, ки шуъбаи касалиҳои сирояткунанда, ки ба истифода дода шуд, низ баҳри ҳифзи саломатии хидматчиёни ҳарбӣ ва аъзои оилаи онҳо, ба касоне, ки ба кӯмаки тиббӣ ниёз доранд, хидмат мекунад. Солҳои охир бинобар кори бонизоме, ки ба хидматрасони босифати тиббӣ ба аскарон ва аъзои хонаводаи онҳо, сариваќт аз байн бардоштани мушкилоти мавҷуда нигаронида шудаанд, тиббӣ ҳарбӣ ба зинаи нави рушди худ бардошта шуд. Ба соҳа технологияҳои нав ҷорӣ карда шуданд, дар маҳалҳо мутахассисони баландмалака кор мекунанд.



Ҳоли ҳозир дар назди Вазорати мудофиа муассисаҳои табобативу ташхисӣ, ки бо таҷҳизоти замонавитарини тиббӣ муҷаҳҳаз гардидаанд, амал мекунанд, бисёр нуқтаҳои табобати ҳарбӣ, ки зинаи ибтидоии хидматрасонии тиббӣ ба шумор мераванд, ҳамчунин шифохонаҳои ҳарбӣ ва муассисаҳои дигар пурмаҳсул кор мебаранд. Имкониятҳое, ки дар соҳа фароҳам оварда мешаванд, нафақат барои сабук кардани кори шифокорон, балки ҳифзи саломатии миҷозон низ аҳамияти калон доранд. Дар натиҷа ба хидматчиёни ҳарбӣ онҳо дар куҷо ва дар кадом шароитҳо хидмат накунанд, хидмати босифати тиббӣ расонида мешавад.

Дар ҷараёни такмил додани инфрасохтори муассисаҳои тиббии ҳарбӣ ба муҷаҳҳазсозии онҳо бо таҷҳизоти замонавии тиббӣ эътибори махсус дода мешавад. Дар чорабинӣ оид ба ташхиси касалиҳо бо кӯмаки асбоб ва дастгоҳҳои замонавии тиббӣ, аз худ кардани усулҳои нави табобат маълумоти муфассал пешниҳод гардид.

**Абдулазиз МӮСОЕВ,**
**хабарнигори ЎзА.**
**Суратгир: М. АМИН (ЎзА).**

**Шариф ХАЛИЛ**

# ҚУРБОНИ МУЛӮҲ

*(Ҳикоя)*

Вақти муллоазон!

Як доман саҳоби саргардон – бораш гарон...

Гашта-гашта ниҳоят дар лобалои деҳаи Бибиширин лангар меандозад. Дар як дам ба даштту даман, кӯҳу барзан, боғоти сабз, кӯчаҳо, саҳни ҳавлии мардум... чун наварӯси вуҷудаш муаттар, дастони ҳинодидааш тар шим-шим об мезанад – оби раҳмат!

Мулло Абдуллоҳ ҳамин асно навои борони баҳорон дар гӯш намози бомдодро адо мекунад, муддате сари саҷҷода ба муноҷот мешинад; беист тасбеҳ мегардонад, ба рӯҳи поки азизони Худо, ёрони босафову бовафои вай пайиҳам сано мефиристад. Баъд ҷойнамозро ғундошта, болои чӯбсандуқ мегузорад. Медонад ӯ: аз китоб лаболаб аст он. Аз сарвати дунё доройяш ҳамин китобҳои қисман мерос аз қиблагоҳаш ва бархе андӯхтаҳои худаш ҳастанд. Боз бо фаросат нек мефаҳмад, ки аз қазо ҳамин хазинаи илм, машъали роҳнамо ба инсоният... беамон ба ҳолу ҷонаш таҳдид мекунанд. Во аҷабо!..

Аз ғояти андешаҳои шарир ба ғаш омада, зиёда буғс карда, кафам мегуфт замири бечораш. Вай, то ғуссаҳои дилаш таскин ёбанд, оҳкашон аз сари сандуқ дур рафта, ниҳоят сукутманд ба берун по ниҳод.

Ноором аст замири афгораш...

Дар банди кадом ташвише менолиду менолид ва дарде ҳарина ҳаловату тамкини вуҷудашро беибо медуздид.

Аз дар берун қадам ниҳоду ба димоғаш накҳати нозбӯй нишаст. Аз ҷӯякҳои замини пеши айвон ба сайр меомад ин бӯйи нозанин. Чандин рӯз муқаддам Бибиотуни ӯ ҳамин ниҳолаконро шинонда буд.

Боди серун ба сару рӯяш зада, аз нафаси тозаи муҳити сабзи боғот хаёле шиддати андешаҳояш паст мешаванд. Аз новадон чак-чак оби дидаи осмон фуруд омада, ба кӯлмак рамақ мешавад. Дар кафи барги дарахтон чакраҳо медурахшанд.

Мулло дар бари сутуни айвон рӯ ба қуллаҳои баланди кӯҳи Фарҳод муддате рост истод, ки ҳоло борон шуста, равшан ба назар мерасиданд.

Инак, дар ҷӯши орзуҳои нав аз гиребони фалак офтоб чашм мекушояд. Анвори зарҳалии он ба тани намкашидаи долу дарахтон, алафҳои вуҷудашон тар, лолахасакҳои сари девору сабзаҳои рӯйи боми соботу каҳдон... ҳилм мебахшанд. Аз домани боғи шукуфон ҳаври сабуке мехест. Дар фарози осмони минуӣ пораабри акнун дилаш аз ғуборҳо холӣ ва бораш ҳам ба ҳадде сабук дар кафи боди мулоим дубора ба шино омада, шодон ба шино омада... ба вусъати самои бопаҳно мерафт.

Қаторкӯҳҳои на аввалашон пайдову на охирашон маълум пасту баланд, каҷу килеб... хобидаанд. Дар бағали он сахраҳои мазбут ҷо-ҷо барфхонаҳо сафедӣ мекунанд. Сукути азалан мармузи он бораи яклухт ҳоло аҷаб ҳавлангез метофт!

Дар муҳити деҳа бӯйи замини нам, накҳати ҷумла мавҷудоти номаш зинда ба сайр омада, нафаси кӯҳҳои басалобати абадан мағрур низ ҳоло дар оғози субҳи солеҳон мулоим аст. Аз бағали арчазорон насими хушу навозишгаре ҷудо шуда, то остони аҳли рустo мерасад. Ҳаво хеле сабук аст, бисёр рӯҳнавоз – ба сад дарди одамизод даво...

Аммо илло ба дарди Мулло Абдуллоҳ!

На насими атргардон, на ҳавои роҳати ҷон, на сурури саҳаргоҳон... ин дам хотири ошуфтаи ӯро марҳам намегаштанд. Худоё, ду рӯз аст, ки ҳолаш ҳамин: – як шахси озодорро мемонад! Ба андӯҳи гарон фурӯ рафта, пайваста «оҳ» мекашад, ҷойи нишаст намеёбад... «Чӣ шуд ба ӯ? Чаро нохост ором гум кард? Магар як марди шикебое набуд? Баъзан тамкини вайро ба мушоҳида гирифта ҳамдеҳагон дар ғайбаш «тандиси воқеии сабр» мегуфтандаш.»

Ва... ғамолуда табассум кард Мулло. Табассумаш дард дошт, пайванди чандин ғуссаи номаълум буд.

«Аҷиб, зӯр ояд дар назди андӯҳи бесару нӯг ҳар гуна шахси собир ҳам ба дод меомадааст», – аз дил гузаронд ӯ ва номи Аллоҳи карим дар забон ноаён даст ба гиребон бурд.

Вай аз ҳаёти минбаъди худ намесӯхт. Пешомади тираашро аз хати пешонӣ медонист ва ҳозир буд, ки ин ҳамаро мардонавор тоб оварад. Аммо ҳаёти аҳли оилааш чӣ хоҳад шуд – намедонист. Балки тахмин мезад, ки ба чӣ ҳол гирифтор хоҳанд гашт ва ҳамин тахминҳо пайваста неши тари худро ба умқи ҷони ӯ фурӯ менишонданд, мағз-мағзи ҷигарашро месӯзонданд. Бале, аз зиндагии норӯшани завҷааш Бибиотуну ду фарзанди ҳанӯз навпояш – Иброҳим ва Аҳмад ба доми ғуссаҳо гирифтор буд. Мабодо саробони оиларо «Мулло будию беҳмадон будӣ!» гуфта паси панҷара баранд ва Худо нокарда, ба номаш тамғаи «душмани халқ»-ро часпонанд, бадтар аз ин бадарға кунанд... пас ҳоли бачаҳояш чӣ мешавад? Дар ин замонаи мураккаб чӣ хел сари худро бардошта мегарданд?

Вай яқин медонист: ин ғам ваќте ба дӯшаш бор гардид, ки пасопеш панҷ муллои аъломи деҳаро ҳабс карданд ва аҳли Бибиширин нохост панҷ пора алмоси худро бохта, гӯё батамом муфлис гаштанд... Андешаи «Акнун навбати кист?» Мулло Абдуллоҳро ноаён ба мафраши ғам кашида буд.

«Шукр, ки боз ҳам куллан тамкини пешини худро аз даст надодааст.»

Ва... дар бадали ин айём борҳо пиндору гуфтор, ҳам кирдори чандинсолаашро ба тарозу монда, ягон ноқисие, ё ба ном кафорате... наёфт: – ҳама дар мизони адл дуруст мехобиданд. Пас, аз ӯ ҷурме наҳоҳанд ёфт; вай дар назди халқу диёр асло гунаҳкор нест... Боз Худо медонад, ки дар дили бандагони бадкирдораш чӣ афкори аъҷубае хобидааст! «Ё Аллоҳи беайб, худат мадад намо!» – гуфт нимшунаво ва ноаён даст ба гиребон бурд.

Мулло аз қуллаҳои барфашон барҷой ғамгин нигоҳ барчида, ба осмони кунун комилан мусаффо, ки дар доманаш офтоб мисли алмоспорае медурахшид, ҳамчунон мағмум назар афканд, хотираш ҳамоно парешон боз ба хона баргашт. Дар пеши сандуқи кӯҳна дастон дар пушт муддате рост истода:

– Дигар илоҷ нест, кампир! – ниҳоят хулосаи андешаҳояшро ба Бибиотун – ҳамболини дардошнояш гуфт. Овозаш хаста, каме меларзид. – Мебараму ин хазинаро нобуд мекунам!

– Ҳамин қадар илмро?

– Ҳоло сар амон бошад... кифоят. Он тарафаш аз хати ҷабин...

– Чӣ бадӣ доранд ин китобҳо? Як умр ба мардум рушноӣ мебахшиданд, чароғи ақл буданд.

– Суханат рост, кампир.

– Пас чӣ ҳоҷат...

– Содаӣ ту. Гӯё гардиши айёмро намебинӣ, шояд мебинӣ, балки мефаҳмӣ ҳам. Аммо... сабук мепиндорӣ.

– Чӣ донам, шояд мисли ғубор гузараду равад.

– Намегузарад. Яқин тундбод мешавад. Як гӯшаи дилам сиёҳ.

– Худоҷон нигаҳбон бошад, – ба чеҳраи кушодаш боди хазон давида, лаб газид бонуи хонадон.

– Агар маро ба баҳонаи китобхониву китобдорӣ бибаранд... оҳҳ-ҳ... охир, бе ман бо ин ду навгул.., – бо нигоҳ ба Иброҳими машғули бозӣ ва Аҳмади дар гаҳвора масти хоб ишора мекунад, – ту азоб мекашӣ, ҷонам. Замона нотинҷ...

– Зор монад ҳамин замона! Аз бунаш сӯхтаву хокистар шавад! – филфавр оби дида рехт Бибиотун. – Ин чӣ бедодӣ? Номашон гум шавад! Ба сари мо балои бад шуданд! Ин чӣ...

– Оҳиста, бону! Беақлӣ макун! Аз ҳаддат нагузар, ки пушаймон мешавӣ. Охир, девор бемуш нест... – пешдаҳон дод Мулло ва ноаён бари ҷелаки худро афшонд.

Бибиотун ҳамон дам даст ба гиребон бурд ва калима гардонду оби чашмонашро бо остин пок кард. Аз дасти хаёлоти носуфта дар худ ғунча гашта, сарбанди сафеди худро ба пешонӣ фаровард ва дар ҳоле ки дарди ҷигарсӯзе аъзои вуҷудашро фишор меовард, як нӯки онро ба пушти китф гузаронд. Давлати сараш ҳанӯз дар назди сандуқи пури китоб рост меистод, шояд дудила буд ҳанӯз ва мумкин боз чӣ тадбире меандешид, ки инаш барои зан мутлақо норӯшан буд. Вай ба хаёлоти мардаш халал нарасонда, дам ба дам оҳкашон аз сандуқ китобҳоро берун оварда, пас назари суол ба шавҳар гардонд.

– Ба хӯрҷин андоз, – аз нигоҳи занаш маънӣ чида, андешманд хоҳиш кард Мулло.

– Месӯзонед? – ҳамоно дидагонаш нам ва қалби зебояш ба нола омада, пурсид Бибиотун.

– Не. Пеши роҳ дар ягон ҷойи боғоти колхоз дафн мекунам.

Мулло Абдуллоҳ ба гуфтан ин ҳарфҳоро гуфту ба чашмони худаш низ беихтиёр нам нишаста, вазнин сар хам намуд.

– Ҳамааш мероси падаратон... Афсӯс!

– Ту ҳам ин қадар ҷигарамро пора накун, очеш. Ба ман таҳаммули ин ғам осон нест.

– Каломуллоҳро намедиҳам! Ҳофизро ҳам... – ду китобро ҷудо карда ба сина пахш намуд ва чашмони дар ҳалқаи ашкашро ба шавҳар дӯхт ӯ.

– Ихтиёрат, – аз ҷасорати ин гоҳ дар дили завҷааш баҷӯшомада, қадре болида, аммо дар назди китобҳои умре ҷамъовардааш худро гунаҳкор, балки дар радифи як шахси қотил тасаввур карда, бори шонаҳояш гаронтар шуданд. Вай хомӯш боз аз дар берун баромад.

"Хайр, инсофашонро гург нахӯрдагист!" – гаронбор аз дил гузаронд ӯ. – "Ба ҳамин ду китоб гап намезадагистанд." Бо ин андешаҳо ба ҷониби оғил қадам монд. Афзорашро дуруст намуда, аз сари хар нӯхтаро афканд. Ҷонвар кайҳо обу алаф ва ҷави худро батаанӣ хӯрда, ниҳоят дар хидмати хонадон омода меистод ва бо баробари аз банд халос шудан хурсанд фириқ-фириқ бинӣ афшондаву бетоқат сумкӯбон аз оғил – ин молхонаи серрутубати бадбӯ берун баромад.

(Давом дорад).

Ҳайати таҳрири «Овози тоҷик» ба собиқ корманди рӯзнома Ҳисомиддин Абдувалиев ва аҳли оилаи ӯ нисбати вафоти ҳамсараш **Тухтаҷонапа** ҳамдардии амиқ изҳор мекунад.

*Овози тоҷик*
МУАССИСЛАР:
Ўзбекистон Республикаси Олий Мажлиси Қонунчилик палатаси Кенгаши, Ўзбекистон Республикаси Олий Мажлиси Сенати Кенгаши ва Ўзбекистон Республикаси Вазирлар Маҳкамаси.
*Тожик тилида нашр этилади.*

Сармуҳаррир
Шерпӯлод ВАКИЛОВ

Рӯзнома ҳафтае ду маротиба: рӯзҳои чоршанбе ва шанбе чоп мешавад.
***Рӯзнома дар компутерхонаи идора ҳарфчинӣ ва саҳифабандӣ гардид.***

*Ҳаҷми насри бадеӣ, очерку мақола аз 5 саҳифаи чопи ду интервалӣ ва шеър аз 50 мисраъ зиёд бошад, идора қабул намекунад. Рӯзнома ба мактубҳои интишорнашуда ҷавоб намегардонад.*

Рӯзнома 25 июни соли 2008 дар Оҷонсии матбуот ва ахбороти Ўзбекистон таҳти рақами 0003 ба рӯйхат гирифта шудааст.
Индекси нашр — 170 . Фармоиши 2 Г-135. Адади нашр 836, ҳаҷм 2 ҷузъи чопӣ. Усули нашр — офсет, андозаи А-2.
1 2 3 4 5 6
ISSN 2010-7757

Суратҳисоби мо дар бонк:
Ҳ/С 20212000300101767001, МФО 00417. Филиали Автотранспорти бонки ДСТ-и «ASAKA» дар шаҳри Тошканд.

Муҳаррири навбатдор:
Х. Ҳамидов.
Мувофиқи ҷадвал — 21.30
Ба чоп супурда шуд — 22.40

**Нишонии мо:**
**100000 ш.Тошканд, кӯчаи Матбуотчилар, 32.**
Телефонҳо: қабулгоҳ : 233 - 82 - 83; Котибот 233 - 83 - 35. Факс: 233-57-30.
сайт http://ovozitojik.uz/, e-mail: ovozitoj@umail.uz, ovozi@list.ru
Индекси обуна 170.
Матбааи табъу нашри Ширкати саҳҳомии «Шарқ».
Нишонии корхона: кӯчаи Буюк Турон, хонаи 41.